Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№38 (1187)

Панҷшанбе, 19 сентябри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

# Боҷу хироҷ

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## Марҳалаи рушди Данғара

Дар ҷараёни сафари корӣ дар ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншооти муҳимро мавриди баҳрабардории аҳолӣ қарор доданд.

с. 2-3

# Муайянсозии даромад ва хароҷоти воқеӣ




## Муомилот – тавассути QR-рамз

Бо мақсади ҷорӣ гардидани технологияҳои муосири умури бонкӣ, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ барои мизоҷон шаклҳои нави хизматрасонӣ роҳандозӣ гардидааст, ки яке аз онҳо муомилоти молҳо тавассути QR-рамз аст.

с. 8

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

## Шарҳи қарору фармоишҳо

Бақайдгирии давлатӣ шарти муҳими машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ

с. 10

ФАРМОИШ

## Оид ба назорати камералӣ

Рӯзи 17 сентябри соли 2019 Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М. «Оид ба назорати камералӣ» ба тасвиб расид, ки мақсади он пешгирии ҳолатҳои ғайриқонунӣ ва ғайриқонунии андоз, ба танзим даровардани тартиби гузаронидани назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботи) андозсупорандагон, беасос халалдор насохтани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, мусоидат намудан ба андозсупорандагон ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозҳо ва (ё) пардохтҳо ҷойдошта, риояи тартиб ва муҳлати гузаронидани назорати камералӣ мебошад.

с. 11

ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА

СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
**РМА** 030007408



# Арсаи ободониию созандагӣ дар шаҳри Кӯлоб

Дар ҷараёни сафари корӣ дар шаҳри Кӯлоб Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншооти муҳимро мавриди баҳрабардории аҳолӣ қарор доданд.



### БИНОИ МАРКАЗИ МИНТАҚАВИИ ПЕРИНАТАЛӢ

Бунёди ин марказ дар мамлакат нахустин буда, дар минтақа назир надорад.

Маркази минтақавии перинаталӣ дар шаҳри Кӯлоб бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи Барномаи "Ҳифзи солимии модар ва кӯдак ва ёрии таҷцилӣ" бунёд гардидааст.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки Маркази минтақавии перинаталӣ дар шаҳри Кӯлоб ҳамчун муассисаи таваллудии зинаи 3-юм ба шумор рафта, ба меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла талаботи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ҷавобгӯ мебошад. Иншооти мазкур дар назди Беморхонаи вилоятӣ бунёд гардида, аз 3 ошёна иборат аст.

Дар Маркази минтақавии перинаталӣ дар шаҳри Кӯлоб таҷҳизоти муосири тиббӣ насб гардидаанд, ки барои солимии модар ва кӯдак шурӯъ аз давраи ҳомила то таваллуд ва баъд аз таваллуд пешбинӣ шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти соҳаи тандурустии мамлакат моҳи апрели соли 2017 бевосита бо дастгирӣ ва ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардида, дар рӯзҳои таҷлил аз ҷашни 28 -солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба анҷом расида, мавриди истифода қарор гирифт. Ба кормандони ин муассисаи тандурустӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1 мошини ёрии таъҷилӣ туҳфа карда шуд.

### ОҒОЗИ НАВСОЗИИ РОҲИ «КӮЛОБ — ШАМСИДДИН ШОҲИН»

Қитъаи роҳи мошингарди "Кӯлоб — Шамсидин Шоҳин" дар идомаи роҳи мошингарди "Кӯлоб — Қалъаи Хумб" бунёд гардида, дар асоси марҳалаи навбатии лоиҳавӣ навсозӣ мешавад.

Тавре ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, дарозии қитъаи роҳи автомобилгарди "Кӯлоб -Шамсиддин Шоҳин" 32,7 километр буда, он тибқи талаботи замони муосир ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ сохта мешавад ва барои хизматрасонӣ давоми солҳои зиёд пешбинӣ шудааст.

Бунёду навсозии роҳи дорои аҳамияти байналмилалӣ бо ташаббус ва талошҳои созандаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, ҳамарӯза тариқи он ронандагону мусофирон ва сайёҳони зиёде сафар мекунанд. Ҳамзамон, тамоми молу маҳсулоти содироту воридотшаванда интиқол дода мешавад.

Зимни муаррифии лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди қитъаи "Кӯлоб-Шамсиддин Шоҳин" Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷоми босифати корҳои сохтмонӣ ба роҳсозон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

### ОҒОЗИ ТАЪМИРУ БАРҚАРОРСОЗИИ 21 КИЛОМЕТР РОҲҲОИ ДОХИЛИШАҲРИИ ШАҲРИ КӮЛОБ

Нахуст дар маҳалли сохтмони роҳҳои мошингард Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи навсозӣ шинос шуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки таъмиру барқарорсозии роҳҳои дохилишаҳрии шаҳри Кӯлоб дар доираи амалисозии марҳалаи сеюми лоиҳаи таъмиру таҷдид, роҳҳои дохилишаҳрии шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон аз ҳисоби маблағҳои грантии Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин аз тарафи ширкати роҳсозии чинии "Чайна Роуд" амалӣ карда мешавад.

Дар навбати аввал дар доираи амалисозии марҳалаи мазкур барқарорсозии 11,5 километр роҳҳои дохилишаҳрии шаҳри Кӯлоб, 1 пули 39-метра дар роҳи Фурудгоҳи шаҳри Кӯлоб ва равшаннамоии 16 километр ба нақша гирифта шуда буд.

Бо дарназардошти саҳми арзандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи рушду густариши муносибатҳои шарикии стратегӣ, дӯстӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин, ҳукумати кишвари ҳамсоя иловатан бар 11,5 км барқарорсозии боз 10 километр роҳро ҳамчун туҳфа ба сокинони шаҳри Кӯлоб ба уҳда гирифтанд.

### ҚИСМИ АВВАЛИ БИНОИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ РАҚАМИ 43

Мактаб аз 3 ошёна иборат буда, барои 1250 нафар дар ду баст пешбинӣ шудаст. Он бо дастгирӣ ва маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншоотҳои инфрасохтори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд мегардад.

Дар доираи сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳалаи якуми лоиҳа ба истифода дода шуд. Мактаб аз 3 ошёна ва 28 синфхонаи фаннӣ иборат буда, дар он шароити беҳтарини донишомӯзӣ муҳайё карда шудааст.

Баъди шиносоӣ бо шароити таълим дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 43 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо омӯзгорони мактаб суҳбати самимию созанда доир карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзгоронро ба беҳтар кардани сифати таълиму тарбия, дар замири хонандагон бедор намудани ҳисси ватандорию ватандӯстӣ, арҷ гузоштан ба таърихху тамаддуни халқ ва муқаддасоти миллӣ ва ба роҳ мондани робитаи зич бо падару модарон, ҳидоят карданд.

### МАРКАЗИ ИСТИРОҲАТИВУ ФАРОҒАТӢ

Маркази мазкур дар рӯзҳои таҷлили ҷашни умумимиллӣ — Истиқлолияти давлатӣ ифтитоҳ ёфта, туҳфаи арзандаи соҳибкорони ватанӣ ба сокинону меҳмонони шаҳри Кӯлоб дар солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" гардид.

Маркази муосири истироҳативу фароғатӣ дорои меҳмонхона бо 20 кати хоб, тарабхона, чойхонаи миллӣ, фаввора ва ҳавзи шиноварӣ мебошад.

Баъди ифтитоҳи марказ дар ин ҷо 20 нафар сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин шуданд, ки дар роҳи бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ иқдоми шоиста мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми соҳибкорон баҳри обод кардани як гӯшаи диёр изҳори сипос карда, онҳоро ба идомаи тадбирҳои созанда ҳидоят намуданд.

### МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ВИЛОЯТИИ КЛИНИКИИ БЕМОРИҲОИ ДИЛ»

Иттилоъ дода шуд, ки маркази мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бунёд гардида, бо тамоми таҷҳизоти муосири тиббии ултрасадои дил, велергометрия, сабти барқи дил, дефибрилятор, таҷҳизоти нафасдиҳии сунъӣ, таҷҳизоти набзченкунӣ, кардиомонитор ва таҷҳизоти фишорсанҷӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Маркази мазкур дорои шуъбаи машваратию ташхисӣ, ташхиси ултрасадо ва гӯшаи гулу гиёҳҳои шифобахши ватанӣ, шуъбаи эҳё ва наҷот, шуъбаи бемориҳои ишемиявии дил, фишорбаландии шараёнӣ ва дармонгоҳ мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо масъулони соҳаи тиб суҳбати озоду самимӣ намуда, ба онҳо барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Аз тарафи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии клиникии бемориҳои дил» як адад мошини ёрии таъҷилӣ тақдим гардид.

# Марҳалаи рушди Данғара

Дар ҷараёни сафари корӣ дар ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншооти муҳимро мавриди баҳрабардории аҳолӣ қарор доданд.

### НАМОИШИ МАҲСУЛОТИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Дар ин ҷо корхонаҳои саноатии дар ҳудуди вилояти Хатлон мавҷуда маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро ба маърaз гузоштанд.

Танҳо дар 7 моҳи соли 2019 дар вилояти Хатлон 41 корхона ва коргоҳи саноатӣ бо таъсиси қариб 600 ҷойи корӣ ба истифода дода шудаанд. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 4 миллиарду 921 миллион сомонӣ расонида шуда, афзоиш дар сатҳи 110,5 % таъмин гардидааст.

Таъсиси коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ ва афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот сабаби ба шуғли доимӣ фаро гирифтани мардум ва бештар шудани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаву ҷонеъсозии талаботи бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти саноатӣ гардид. Оянда бунёду ба истифода додани иншооти нави саноатӣ ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда марҳала ба марҳала амалӣ гардонида мешавад.

### ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАИ КОРКАРДИ ШИРИ ҶДММ «ШИРИ ДАНҒАРА»

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шири Данғара» 11 намуди маҳсулот, аз ҷумла қаймоқ, сметана, ҷурғоти хонагӣ ва 3 намуд кефири мевагӣ, творог, чакка ва шир истеҳсол карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорон барои мусоидат дар татбиқи ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда изҳори сипос намуданд.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шири Данғара» 25 нафар сокини маҳаллӣ ба ҷойи кор фаро гирифта шуданд.

### БИНОИ КУМИТАИ ИДОРАИ ЗАМИНИ НОҲИЯ

Дар бинои Кумитаи идораи замини ноҳияи Данғара сохторҳои зертобеи дар ноҳиябудаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи меъморӣ ва шаҳрсозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд.

Бинои Кумитаи идораи замини ноҳияи Данғара бо риояи унсурҳои хоси миллӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир бунёд карда шудааст.

Аснои ба истифода супоридани иншооти мазкур Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони сохторҳои таркибии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи меъморӣ ва шаҳрсозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои дар чунин шароити замонавӣ ҷиҳати иҷрои саривақтии масъулияти бардӯшдошта ва дар сатҳи баланд ба мардум хизмат расонидан вазифадор карданд.

### МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНИИ «УМЕД»

Иншооти мазкур аз 3 ошёна иборат буда, дорои ҳаммом, сартарошхона, кошонаи ҳусн, тарабхона, ошхона, коргоҳи дӯзандагӣ ва мағоза мебошад.

Аснои шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар ошёнаи якуми Маркази хизматрасонии мазкур мағозаи фурӯши хӯроквории ва ҳаммоми замонавӣ бо пари буғӣ, тафсон ва ҳавзи оббозӣ, дар ошёнаи дуюм сартарошхона, кошонаи ҳусн, толори фурӯши либосҳои арӯсӣ, коргоҳи дӯзандагӣ, мағозаи фурӯши либосҳои мактабӣ ва миллӣ ҷойгир шудаанд.

Ифтитоҳи ин коргоҳи дӯзандагиро занону бонувон нишона аз татбиқи амалии Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ маънидод намуда, аз ин иқдоми созанда ва бунёдкорона изҳори минатдорӣ менамоянд.

Дар маҷмӯъ, бо мавриди истифода қарор гирифтани Маркази хизматрасонии "Умед" 40 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

Дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун анъанаи нек дар рӯзҳои таҷлили 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ба беш аз 70 нафар ятими кулл аз ноҳияҳои Данғара ва Ҳамадонӣ туҳфаҳои идона тақдим намуданд.

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба таълиму тарбияи насли наврас, бахусус ятимону бепарасторон ва фарзандони оилаҳои ниёзманд сол аз сол зиёд гардида,

# Марҳалаи рушди Данғара

**Дар ҷараёни сафари корӣ дар ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншооти муҳимро мавриди баҳрабардории аҳолӣ қарор доданд.**



ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсилу фаъолият ва зиндагии мустақилонаи онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

### РАМЗИ «ХӮШАИ ГАНДУМ»

Сутунпояи рамзи «Хӯшаи гандум» 33 метр ва андозаи худи хӯшаи гандум 10 метрро ташкил медиҳад. Дар қисми болоии рамз соли таъсис ва номи ноҳияи Данғара бо ҳарфҳои зарҳалӣ навишта шудааст.

Иншооти мазкур аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бо ҷонибдорӣ аз сиёсати бунёдкоронаи роҳбарияти олии давлату Ҳукумати мамлакат ба истиқболи сазовори ҷашни умумимиллии 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи нақшаи чорабиниҳои Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ сохта шудааст.

Рамзи «Хӯшаи гандум» дар даромадгоҳи ноҳияи Данғара бо истифода аз масолеҳи баландсифати сохтмонӣ ва бо тарҳи ҷолиби диққат аз ҷониби меъморон ва сохтмончиёни маҳаллӣ дар як давраи кӯтоҳ сохта шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, иқдоми созандаи соҳибкорони ватандӯстро намунаи ибрат хонданд ва ифтитоҳи ин иншоотро дар рӯзҳои таҷлил аз 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон туҳфаи арзишманд барои сокинони ноҳия маънидод намуданд.

### РОҲИ АВТОМОБИЛГАРДИ ДЕҲОТИ ОҚСУ

Дарозии роҳи мазкур 4 километр ва паҳноиаш 5 метрро ташкил дода, он дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба хотири сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30 — солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Қиёмиддин Чорикулов таъмиру навсозӣ гардидааст.

Иқдоми пешанамудаи соҳибкори маҳаллӣ, яъне таъмири пурра гардидани роҳи мошингарди деҳаҳои Боғпарвар ва Баҳор ҳамчунин дар амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ замина гузошт. Корҳои таъмирӣ дар ин масир се моҳро фаро гирифта, дар ин давра қариб 30 нафар сохтмончиёни маҳаллӣ ба кор ҷалб гардидаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми пешанамудаи соҳибкори маҳаллиро шоистаи таҳсин ҳисобиданд ва ба дастандаркорон барои анҷоми чунин кори хайру савоб, инчунин саҳм гузоштан дар ободии мамлакат изҳори сипос намуданд.

### МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ЛИТСЕЙИ КАСБИИ ТЕХНИКИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА»

Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Данғара» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2019 дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 57 таъсис дода шуда, он барои ба омӯзиш фаро гирифтани ҷавонону наврасон ба инчунин сокинони бешуғли мамлакат ба ихтисосҳои системаи компютерӣ ва интернет-технология, челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бо иловаи ронандаи дараҷаи «С», монтёри барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ, кафшергари газию барқӣ, дӯзанда, инчунин ошпаз-қаннод, калобаресӣ ва рангубордиҳӣ дар саноати субук ва ғайра пешбинӣ гардидааст.

Дар муассиса имкон аст дар як баст 300 хонанда ба таълим фаро гирифта шаванд ва дар он хонандагон баъди хатми синфи 9 ва 11 қабул карда мешаванд. Дар назди ин муассисаи таълимӣ ҳамчунин курсҳои кӯтоҳмуддат амал мекунанд ва имкон аст шахсони бешуғл ба касбомӯзӣ фаро гирифта шаванд.

### ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ «БАҲОРИСТОН»-И ДЕҲОТИ ОҚСУ

Хоҷагии мазкур дорои 6,67 гектар замини обӣ буда, дар 6 гектари он пахта кишт карда шудааст. Дар боқимонда заминҳо хоҷагидорон дигар навъи зироати кишоварзӣ, аз ҷумла дар майдони 0,32 гектар сабзавот, 0,15 гектар картошка ва дар масоҳати 0,20 гектар зироати полезӣ кишт намудаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нашъунамо ва ҳосилнокии пахта дар ин хоҷагӣ баҳои баланд дода, хоҷагидоронро дар оянда низ ба меҳнати ҳалол ва риояи пайвастаи талаботи муқаррааргардида ҳидоят намуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки пахтаи навъи Хуҷанд — 67 ба иқлими ноҳияи Данғара, аз ҷумла заминҳои хоҷагии деҳқонии «Баҳористон» мувофиқ буда, дар ин майдон ҳамасола аз ин навъ кишт карда мешавад.

Дар намоишгоҳ кишоварзон, дар маҷмӯъ, сокинони деҳоти Оқсу номгӯи гуногуни ҳосили зироати кишоварзӣ, аз қабили ғалла, сабзавоту полезӣ ва ғайраро ба маъраз гузоштанд. Фаровонӣ ва сифати баланди маҳсулоти дар ин намоишгоҳ ба маъраз гузоштаишударо Сарвари давлат натиҷаи меҳнати ҳалол, истифодаи самараноку оқилонаи ҳар ваҷаб замин ва малакаи баланди касбии кишоварзон маънидод намуданд.

### МАЙДОНЧАҲОИ ВАРЗИШӢ ВА БОЗИИ КӮДАКОНА

Иншооти варзишӣ аз ҷониби сокинони ватандӯсти ноҳияи Данғара, оилаи Гуловҳо бо ҷонибдорӣ аз сиёсати иҷтимоӣ ва созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сифати баланд бунёд шуда, дар самти ободии ин гӯшаи диёр саҳми муносиб гузошт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдаконаро ифтитоҳ карда, ба иқдоми сокинони саховатпешаи ноҳияи Данғара баҳои баланд доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо шароити тамрин ва бозиҳои варзишӣ дар ин ҷо ба кӯдакону наврасон туҳфаҳои арзишманд, аз қабили велосипед, тӯбҳои чармии футбол ва бозичаҳои кӯдакона тақдим намуданд.

### ҚАСРИ ФАРҲАНГ

Қасри фарҳанги ноҳия аз зумраи иншооти ҷашнии истиқлолият буда, аз тарафи устоҳои ҳунарманду муъҷизаофари тоҷик дар як мавзеи дилфиреби ноҳия бо тарҳи хеле нодир бунёд шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иншооти мазкурро дар вазъияти тантанавӣ бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, онро ҳамчун туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 28 — умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ба сокинон ва аҳли фарҳанги ноҳия тақдим карданд.

Дар Қасри фарҳанг осорхонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст.

Дар бинои Қасри фарҳанг ба хотири ҷалби кӯдакону наврасон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ синфхонаи забони русӣ барои 14 нафар, синфхонаи забонҳои хориҷӣ барои 24 нафар, синфхона барои бозиҳои шавқовари шоҳмот ва шашка, синфхонаи компютерӣ барои 20 нафар, синфхонаи конструкторони ҷавон барои 16 нафар, синфхонаи дузандагӣ бо 5 мошинаи дарздузӣ ҷойгир аст.

Дар толори маҷлиси Қасри фарҳанг Пешвои миллат дар назди сокинону фаъолони ноҳия суханронӣ карда, кулли мардуми меҳнатдӯсти ноҳияи Данғараро бо ҷашни 28 — умин солгарди Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ, ба кор андохтани агрегати дуюми нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ва ифтитоҳи иншооти таъиноти гуногуни ноҳия табрику таҳният гуфтанд.

# Маҳсули заҳмати дастаҷамъона

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ифтитоҳи Касри фарҳанг дар ноҳияи Данғара




**Ҳамдиёрони азиз!**

Мулоқоти имрӯзаи мо дар идомаи чорабиниҳои ҷашнӣ ба муносибати 28 — солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азизамон, ки се рӯз пеш дар тамоми гӯшаву канори мамлакат бо рӯҳияи баланди ватандорӣ ва ифтихор аз истиқлолу пойдории сулҳу субот таҷлил гардид, баргузор шуда истодааст.

Ба ин муносибат, сокинони заҳматқарини ноҳияи Данғараро бори дигар ба ифтихори ин ҷашни муқаддаси миллиамон табрик гуфта, ба хонадони кулли мардуми ноҳия ва ҳар яки шумо, ҳозирини гиромӣ фазои орому осуда, файзу баракат ва барору комёбӣ орзу менамоям.

Ҳоло дар тамоми қаламрави мамлакат ба хотири истиқболи сазовори ҷашни 30 — солагии Истиқлол корҳои ободониву бунёдкорӣ вусъат доранд, ки ин раванд ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳру деҳоти кишвар ва албатта, боз ҳам беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Баъди эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар қаламрави ноҳияи Данғара даҳҳо корхонаҳои хурду миёна, марказҳои хизматрасонӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуданд, ки имрӯз дар онҳо садҳо нафар сокинон бо ҷойи корӣ таъмин гардидаанд.

Дар ин раванд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара якҷо бо соҳибкорони ватандӯсти ноҳия дар ин гӯшаи зебоманзари Ватанамон бунёд ва таъмиру азнавсозии беш аз 300 иншооти таъиноти гуногунро ба нақша гирифта, то имрӯз сохтмони 124 иншоотро ба анҷом расонидаанд ва бунёду навсозии боз садҳо иншооти дигарро босуръат идома дода истодаанд.

Дар ноҳия худи ҳамин рӯз, яъне ба муносибати 28 — умин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азизамон 20 иншоот, аз ҷумла рамзи ноҳия, майдончаи варзиш бо ҷойи бозии кӯдакон, корхонаи коркарди шир ва маркази хизматрасонӣ дар шаҳраки Данғара, литсейи касбҳои техникӣ барои 320 нафар толибилм дар деҳоти Баҳор, ду муассисаи таълимӣ бо 4800 ҷойи нишаст дар деҳаҳои Розиён ва Баҳор, хобгоҳи литсей бо 100 ҷойи хоб, 4 километр роҳи асфалтпӯшгардидаи деҳаи Баҳор, биноҳои маъмурии ҷамоатҳои деҳоти Корез ва Лоҳур, бинои Кумитаи давлатии идораи замини ноҳия ва маркази саломатӣ дар деҳаи Рахшонзамин ба истифода супорида шуд.

Чунонки медонед, чанде пеш ман зимни сафар ба ноҳияи Данғара — дар деҳоти Пушинг, Қули Сӯфиён, Себистон, Оқсу ва Ғарғара дар маросими ба истифода додани муассисаҳои таълимиву тиббӣ, марказҳои хизматрасониву майдончаҳои варзиш, таъмиру таҷдиди роҳҳо ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ иштирок карда, изҳор дошта будам, ки самараи заҳмати ватандӯстонаи соҳибкорони ҳимматбаланди деҳоти зикршуда барои дигарон намунаи ибрат мебошад.

Бояд гуфт, ки аксари иншооти таъиноти гуногуни дар ноҳия ва деҳаҳои Данғара бунёдшуда низ гувоҳи равшани дар доираи “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” обод гардидани боз як гӯшаи Ватанамон, бо шуғл таъмин намудани сокинон ва дастаҷамъона амалӣ кардани дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ба истиқболи сисолагии Истиқлоли давлатӣ мебошад.

Илова ба бунёди муассисаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ аз ҷониби соҳибкорони бонангу номуси ноҳия бунёди 10 корхонаи истеҳсолӣ, ки ба муҳайё намудани садҳо ҷойи нави корӣ мусоидат менамоянд, бомаром идома дорад.

Ҳоло корҳои сохтмон дар ҳамаи иншооти ба нақша гирифташуда мутташаккилона ва бо азму талоши ватандӯстонаи мардум идома доранд ва умед аст, ки то ҷашни 30-солагии Истиқлол ҳамаи ниятҳои созандаи сокинони ноҳия пурра амалӣ мегарданд.

Бо бунёди иншооти аз тарафи соҳибкорони саховатпеша оғозгардида бисёр мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ осон гардида, барои зиндагӣ ва кору фаъолияти сокинони ноҳия шароити боз ҳам беҳтар фароҳам оварда мешавад.

Дар иртибот ба корҳои ободониву созандаи зикршуда ба хурду бузурги сокинони ноҳияи Данғара, ҳамаи фарзандони бонангу номус ва соҳибкорони ҳимматбаланд барои иқдому ташаббусҳои ватандӯстонаашон дар ҷодаи ободонии ин гӯшаи диёрамон сипосу миннатдории самимии худро изҳор менамоям.

**Дӯстони азиз!**

Ҳукумати мамлакат солҳои охир дар баробари бунёди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус, инчунин, ба таҳким бахшидани заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ диққати ҷиддӣ дода, дар онҳо тамоми шароити зарурии таълиму тарбияро фароҳам оварда истодааст.

Дар натиҷаи маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети давлат ва саҳми соҳибкорону афроди саховатманди мамлакат ҳар сол дар кишварамон садҳо муассисаҳои таълимӣ ба истифода дода шуда, мактабҳои таъмирталаб ва дар шароити номусоид фаъолияткунанда таъмиру азнавсозӣ мегарданд.

Чунонки дар суханрониҳои қаблӣ таъкид карда будам, маблағгузорӣ ба таълиму тарбия муҳимтарин амалест, ки самараи он ба пешрафти давлат ва ояндаи неки кишвар нигаронида мешавад.

Вобаста ба ин масъала, хотирнишон месозам, ки дар ин кори хайр ва ба фардои ободи Ватанамон равонашуда дар баробари Ҳукумати кишвар, инчунин, ҳар фарди бонангу номус, аз роҳбарони соҳаи маориф ва устодону омӯзгорон сар карда, то соҳибкорону тоҷирон, падару модарон, зиёиён ва умуман, аҳли ҷомеа бояд саҳми худро гузоранд.

Ноҳияи Данғара дар гузашта ва имрӯз низ бисёр фарзандони бонангу номус ва соҳибкорону тоҷирони ҳимматбаланду саховатпеша дорад, ки метавонанд дар ободу зебо гардонидани зодгоҳи худ бо роҳи таъсис додани коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, бунёди муассисаҳои маорифу тандурустӣ, иншооти варзиш, таъмири роҳу пулҳо ва дигар амалҳои хайр барои муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ба ҳамдиёрони хеш саҳми ватандӯстона гузоранд.

Самараи амалисозии нақшаву барномаҳои қабулшуда ба истифода додани силсилаи иншооти таъиноти гуногуни имрӯза мебошад. Ҳоло мо шоҳиди боз як рӯйдоди хотирмони фарҳангӣ дар ҳаёти сокинони ноҳияи Данғара – ифтитоҳи Қасри фарҳанг гардидем. Қасри мазкур бо тарҳи бисёр зебо ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои муосири меъморӣ бунёд шудааст.

Сохтмони қаср соли 2007 оғоз гардида, бо истифода аз санъати аҷдодии гаҷкорӣ ва ойинабандӣ дар сатҳи баланд ба анҷом расонида шудааст.

Қасри фарҳанг аз се ошёна иборат буда, дорои толори барҳаво бо 700 ҷойи нишаст, китобхона, толорҳои омӯзиши асбобҳои гуногуни мусиқӣ, технологияҳои муосир, толори ҷаласаҳои корӣ, утоқҳои корӣ ва ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад. Дар яке аз толорҳои қаср осорхонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташкил карда шудааст.

Ҳамчунин, дар бинои қаср толори акди никоҳ ҷойгир гардида, тавре ки ҳар яки шумо мебинед, атрофи бино хеле ободу зебо ва назаррабо оро дода шудааст.

Бунёди чунин кохи зебои фарҳанг туҳфаи беҳтарин ба мардуми заҳматдӯст ва бонангу номуси ноҳияи Данғара ба муносибати 28 — солагии Истиқлоли давлатӣ мебошад.

Бо истифода аз фурсат, ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд ва сокинони ноҳияро ба муносибати мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани Қасри фарҳанг табрик гуфта, ба бинокорону масъулони ин иқдоми ободгарона миннатдорӣ баён менамоям.

Бовар дорам, ки наслҳои имрӯза, яъне наврасону ҷавонони ноҳия бо шукронаи соҳибдавлативу соҳибватанӣ ва фазои орому осудаи Ватан дар ҷодаи ободиву пешрафти Ватани азизамон саҳми боз ҳам бештар мегузоранд.

Шубҳае нест, ки Қасри фарҳанги имрӯза ба макони баргузории маҳфилу чорабиниҳои фарҳангиву сиёсӣ табдил ёфта, ба мардуми ноҳия дар роҳи шинохти асолати миллӣ, омӯзиш ва тарғиби фарҳангу тамаддуни аҷдодӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳифзу эҳтироми истиқлолу озодӣ, ҳимояи марзу буми Ватан ва сулҳу суботи ҷомеа хизмат менамояд.

Бори дигар тамоми мардуми меҳмоннавози ноҳияи Данғараро ба ифтихори ҷашни Истиқлоли давлатӣ табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо хонаи обод, иқболи баланд ва дар ҷодаи ободкориву пешрафти кишвари азизамон барору комёбиҳо орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед, ҳамдиёрони азиз!**

# Суръатбахшӣ ба саноатикунонии кишвар

### ҶДММ «Қолинҳои Душанбе»

Аснои муаррифии лоиҳа иттилоъ дода шуд, ки иқтидори корхона дар як сол истеҳсоли 1,5 миллион метри мураббаъ қолин мебошад. Барои истеҳсоли қолинҳо дастгоҳҳои қолинбофӣ аз ширкати машҳури “Вандевил”-и Шоҳигарии Белгия ворид карда мешаванд.

Дар корхонаи “Қолинҳои Душанбе” таҷҳизоте истифода мегардад, ки назираш дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нест ва маҳсулоти тавлидотӣ таъйиноти содиротӣ дошта, бо сифати олӣ истеҳсол хоҳад шуд.

Ҳангоми шиносоӣ бо иқтидор ва тарҳу шакли корхонаи бунёдшавандаи истеҳсоли қолинҳо дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулони корхона дастур доданд, ки пеш аз ҳама, ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот, сифати он ва тақвияти имконияти содиротӣ диққати махсус дода шавад. Зеро ин яке аз омилҳое мебошад, ки тавассути он метавон дар бозори дохил ва хориҷи мамлакат нуфузи корхонаро баланд бардошт.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкоронро шоёни дастгирӣ арзёбӣ карда, бунёди корхонаи истеҳсоли қолинҳоро дар пойтахти мамлакат ба мақсадҳои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати амалисозии муваффақонаи ҳадафи муҳими стратегӣ-саноатикунонии босуръати мамлакат ва таъмини ҳарчи бештари сокинон бо ҷойи кори доимӣ созгор арзёбӣ карда, ба масъулон дастур доданд, ки дар ҷараёни сохтмон ба сифати корҳо аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

### «Мактаби махсуси зеҳнӣ»

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки иншооти бунёдшаванда барои 640 хонанда дар як баст пешбинӣ гардидааст ва он бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд мегардад.

Дар ҳудуди иншоот бинои таълимӣ, хонаи истиқоматии 5-ошёна барои омӯзгорон бо 60 ҳуҷра, бинои 5-ошёнаи хобгоҳ барои хонандагон бо 300 ҷойи хоб, майдони варзишӣ ва биноҳои техникию ёрирасон ҷойгир карда шудаанд.

Ҳангоми шиносоӣ бо лоиҳаи Мактаби махсуси зеҳнӣ, ки тарҳи хоса дорад, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ дастуру маслиҳатҳои муфид дода, таъкид намуданд, ки иншооти мазкур барои дар оянда тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, афзудани неруи зеҳнӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар хизмати давлатӣ аҳамияти баланд дорад ва он тавре бояд сохта шавад, ки солиёни дароз ба мардум хизмат намояд.

### ҶСП «Тоҷиксемент»

Самти фаъолияти корхонаи нав ба истеҳсоли семент нигаронида шуда, он бо ҷалби сармояи мустақим сохта мешавад.

Дар асоси лоиҳа иқтидори корхонаи истеҳсолии ҶСП «Тоҷиксемент» дар як шабонарӯз 3 ҳазору 300 ва дар як сол

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар пойтахти мамлакат барои бунёди корхонаҳо санги асос гузошта, як қатор коргоҳҳои дигарро ифтитоҳ намуданд.**



1,2 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Дар ин корхона сементи тамғаҳои 400, 500 ва 600 истеҳсол карда мешавад.

Зимни муаррифии лоиҳа ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки корҳои сохтмонӣ ва васлу насби дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолӣ дар иншоот 1,5 сол идома меёбад ва дар ин давра 1500 нафар шаҳрванди мамлакат, хоса сохтмончиён бо ҷойи кор таъмин мешаванд.

Технологияи истеҳсолии корхонаи ҶСП «Тоҷиксемент» бо иҷозатномаи яке аз бонуфӯзтарин ширкатҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Федеролии Олмон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин истеҳсол карда шудааст.

### Корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикии «Композит Т.А.»

Корхонаи мазкур аз ҷониби ҶДММ «Авесто Групп» бунёд гардида, дар рафти корҳои бунёдгарӣ қариб 100 нафар мутахассисону бинокорони ботаҷриба ба кор ҷалб мегарданд.

Зимни шиносоии лоиҳаи корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар корхона қубурҳои шишапластикии қутрашон 300 ва 3000 мм истеҳсол гардида, иқтидори солонаи он ба 150 км баробар хоҳад шуд. Қубурҳои мазкур новобаста аз дарозӣ ва ҳаҷм хеле сабук буда, аз лиҳози насбнамоӣ ва истифода хеле сода ва осон мебошанд. Ҳамчунин қубурҳои шишапластикӣ ба фишори баланд тобовар буда, оташбардор ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯянд.

Корхонаи мазкур дар миқёси ҷумҳурӣ назир надошта, он дар масоҳати умумии 4 гектар бунёд хоҳад шуд ва дар оянда қубурҳои истеҳсолшаванда барои мамлакат маҳсулоти ивазкунундаи воридот ва содиротӣ ба ҳисоб меравад. Корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикӣ давоми 1,5 соли оянда бунёд гардида, дар сурати пурра ба истифода додани он беш аз 100 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин хоҳанд шуд.

### Корхонаи таҷҳизоти барқӣ

Корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ дар шаҳри Душанбе дар доираи дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти саноатикунонии босуръати кишвар бунёд мегардад.

Зимни муаррифии лоиҳаи иншооти нави саноатӣ иттилоъ дода шуд, ки дар корхона, асосан, истеҳсоли дастгоҳҳои идоракунӣ ва мукаммали пастшиддати 0,4 киловолта, лавҳаҳои ҳимояи релеӣ ва автоматикӣ, дастгоҳҳои тақсимотии баландшиддати 6,10 ва 20-киловолта, истгоҳҳои мукаммали трансформаторӣ, пояҳои оҳании гуногун барои низоми равшандиҳии хиёбону гулгаштҳо, равоқпояҳои зеристгоҳҳои барқӣ, пояҳои оҳании хатҳои интиқоли неруи барқ, ҳисобкунакҳои барқӣ ва хати истеҳсолӣ оид ба руҳандуд намудани ҳама гуна конструксияҳои оҳанӣ ба нақша гирифта шудааст.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол зиёда аз 1000 дастгоҳи идоракунӣ ва мукаммали пастшиддати 0,4-киловолта, 500 адад дастгоҳи тақсимотии баландшиддати 6, 10 ва 20-киловолта ва беш аз 200 адад истгоҳи мукаммали трансформаториро ташкил дода, бунёди иншоот иқдоми муҳим дар самти истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ дар дохили кишвар ва бад-ин васила таъмини боэътимоди соҳаҳои гуногуни мамлакат бо неруи барқ мебошад.

Дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар ин корхонаи саноатӣ зиёда аз 200 нафар бо кори муваққатӣ ва баъди пурра мавриди истифода қарор гирифтани он 200 нафар шаҳрванди мамлакат бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин хоҳанд гардид.

Аснои шиносоии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи иншоот иттилоъ дода шуд, ки сокинон баъди омӯзиши раванди истеҳсолот дар корхонаҳои истеҳсолкунанда ба кор фаро гирифта мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоии пурра бо лоиҳаи иншоот иқдоми роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромантаж»-ро дар самти бунёди корхонаи муосири саноатӣ дар пойтахти мамлакат муҳим арзёбӣ намуда, зимни суҳбат бо масъулон ҷиҳати иҷрои босифати корҳо, истифодаи масолеҳи сохтмонии аълосифат ва дар муҳлати муайянгардида ба истифода додани иншоот дастуру ҳидоятҳои судманд доданд.

### Корхонаи нави коркарди санг

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ ба фаъолияти Корхонаи нави коркарди санг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози расмӣ бахшиданд.

Тавре иттилоъ дода шуд, корхонаи мазкур дар миқёси мамлакат калонтарин корхони коркарди санг ба шумор рафта, аз шаш хатти истеҳсолии муҷаҳҳаз бо техникаву таҷҳизот ва дастгоҳҳои муосир иборат мебошад.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти корхона ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки корхона дар як сол зиёда аз 180 ҳазор метри мураббаъ сангро дар шаклҳои гуногун бо сатҳу сифати баланд коркард менамояд.

Дар корхона барои буридани тахтасангҳои андозаашон гуногун, инчунин таҷҳизоти махсус дар самти буридани сангҳои калонҳаҷм мавҷуд аст, ки дар дигар корхонаҳои коркарди санги мамлакат ин гуна технология то ҳол мавҷуд нест.

Корҳои суфтакунию сайқалдиҳии санг, молидани ширеш ва хушк кардани он, андозагириву буридани маҳсулот, сутунпояву дастпояҳо, аз лиҳози бехатарӣ дуруст насб намудани фаскаҳо, шаклгириву андозагирӣ ҳангоми коркарди сангҳо, тарошидани андозаҳои қисми болоии санг, насби симтӯрҳо дар пушти санг бо мақсади мустаҳкам будан ҳангоми интиқол, тарошидани дилхоҳ шакли меъморӣ ва кандакории сутунҳо дар корхона тавассути дастгоҳҳо ба таври автоматӣ иҷро карда мешаванд.

Аснои шиносоии Сарвари давлат гуфта шуд, ки дар корхона зиёда аз 20 намуди санг коркард шуда, дар як вақт имкон аст бештар аз 50 намуди маҳсулот аз санг истеҳсол карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми шиносоӣ бо фаъолияти корхона ба корҳои сохтмонӣ ва васлу насби дастгоҳу технологияи муосир ба бунёдгузорони корхонаи истеҳсолӣ дар мамлакат изҳори сипос намуда, барои истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табиии мамлакат дар самти истеҳсоли маҳсулоти баландсифати ватанӣ ба масъулон дастуру ҳидоятҳои мушаххас доданд.

# Андози ягона чӣ гуна андоз аст?

**Роҳбари хоҷагии деҳқонии “Зайд”-и шаҳри Истаравшан Баротзода Лоиқ Алӣ, ки дар ихтиёри худ 1,55 га замин дошта, ба парвариши маҳсулоти кишоварзӣ машғул аст, аз редаксияи рӯзномаи “Боҷу хироҷ” хоҳиш кардааст, ки дар бораи андози ягона маълумот диҳем.**

**Вобаста ба ин мавзӯъ бо сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода суҳбате доир намудем, ки фишурдаи онро пешкаши алоқамандони рӯзнома мегардонем.**

**- Шамсулло Кабирзода, дар бораи андози ягона ва супорандагони ин намуди андоз чанд сухан мегуфтед.**

- Супорандагони андози ягона субъектҳои соҳибкории хурде эътироф карда мешаванд, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъда амалӣ менамоянд ва барои онҳо замин воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Мутобиқ ба меъёрҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти кишоварзӣ натиҷаи ибтидоии (маҳсули) парвариши растаниҳои кишоварзӣ, чорво ва дороиҳои дигари биологӣ мебошанд, ки онҳо таҳти коркарди минбаъда қарор нагирифтаанд. Аз ин лиҳоз, дар ҳолате, ки маҳсулоти кишоварзии истеҳсолнамуда бе коркарди иловагӣ ба бозори истеъмолӣ бароварда мешавад, аз рӯи меъёри андози ягона андозбандӣ мегардад.

Масоҳати умумии хоҷагии деҳқонии “Зафар” аз ҷамоати деҳоти Зайнаббибии ноҳияи Рӯдакӣ 10,5 гектарро ташкил медиҳад. Роҳбари хоҷагӣ соли 2018 дар қитъаи замини худ ғалла ва дони ҷуворимакка кишт намуда, дар натиҷаи гузаронидани коркарди хуби агротехникӣ ҳосили фаровон ба даст овард. Мавсуф маҳсули меҳнаташро ба бозор бароварда, беш аз 110 000 сомонӣ фоида ба даст овард. Азбаски маҳсулоти истеҳсолшуда бе коркарди иловагӣ ба фурӯш бароварда шуда буд, сардари хоҷагӣ ҳамчун супорандаи андози ягона эътироф гардида, аз пардохти андозҳои дигар озод мегардад.

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз пардохти андози фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт, андози даромад аз даромадҳои вобаста аз фаъолияти кишоварзии аъзои хоҷагии деҳконии (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда, ки супорандаи андози ягона мебошад, андоз барои захираҳои табиӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки обҳои зеризаминиро барои эхтиёҷоти хоҷагидории худ истифода мебаранд, озод мебошанд.

**- Объекти андозбандии андози ягона ва манбаи он чӣ гуна муайян карда мешавад?**

- Объекти андозбандии андози ягона қитъаи замине мебошад, ки истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ мутобиқи қонунгузорӣ онро дар ихтиёр дошта, бо хоҳиши худ онро истифода менамояд.

Манбаи андоз масоҳати қитъаи замини ҷудокардашуда мебошад.

**Мисол:** Хоҷагии деҳқонии “Шарифҷон” аз шаҳри Ваҳдат дар ихтиёри худ 10 га замин дорад. Саҳмдори он бо сабаби номусоидии обу ҳаво дар соли 2018 дар 8 га кишти ғалла гузаронида, 2 га заминро бе истифода мондааст.

Дар ин ҳолат, новобаста аз масоҳати амалан истифодашудаи қитъаи замин барои истеҳсол ва парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози ягона замини ҷудошуда, яъне 10 гектар замини дар маҷмуъ ба андозсупоранда додашуда ҳисоб мешавад.

**Мисоли дигар.** Дар асоси қарори раиси шаҳри Турсунзода ба хоҷагии деҳқонии “Муинҷон” 10 гектар замини обёришавандаи табиӣ ва 36 гектар замини лалмӣ ҷудо карда шудааст. Дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ ошкор гардид, ки соли 2018 хоҷагӣ барои истеҳсол ва парвариши маҳсулоти кишоварзӣ амалан китъаи 12 га замини обёришавандаи табиӣ ва 40 га замини лалмиро истифода намудааст.

Дар ин ҳолат новобаста аз андозаи қитъаи замини ҷудошуда барои истеҳсоли (парвариши) маҳсулоти кишоварзӣ барои ҳисоб намудани андози ягона масоҳати қитъаи дар асл истифодашуда, яъне 12 га замини обӣ ва 40 га замини лалмӣ, ки мавриди истифода қарор дода шудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад.

**- Барои андози ягона чӣ гуна меъёрҳо муқаррар шудааст ва давраи андоз кадом аст?**

- Уҳдадории андоз оид ба андози ягона аз натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ ва навъу намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ вобаста набуда, дар шакли пардохт барои масоҳати замини вобасташуда муқаррар мешавад. Аммо меъёри андози ягона дар минтақаҳои кадастрӣ бо дарназардошти ноҳияҳои кӯҳӣ аз ҳар як гектар замин барои соли тақвимӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар 5 сол муқаррар карда мегардад.

Меъёри андози ягонаи заминҳои кишти обие, ки барои кишт ва парвариши пахта истифода мешаванд, дар ҳаҷми нисфи меъёри муайяншуда муқаррар мегардад. Андозсупоранда уҳдадор аст, ки маълумотро дар бораи масоҳати замини барои парвариши пахта истифодашаванда ба мақомоти андози маҳалли бақайдгириаш то 1 июни соли тақвимӣ (ҳисоботӣ) пешниҳод намояд.

Андози ягона барои соли ҷории андоз дар маҳалли ҷойгиршавии заминҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар мӯҳлатҳои муайян ва бо андозаҳои зерин (бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол) пардохт карда мешавад:

*- на дертар аз 10-уми март ба андозаи на камтар аз 15 фоизи маблағи солонаи андоз;*

*- на дертар аз 10-уми июн ба андозаи на камтар аз 30 фоизи маблағи солонаи андоз;*

*- на дертар аз 10-уми сентябр ба андозаи на камтар аз 50 фоизи маблағи солонаи андоз;*

*- на дертар аз 10-ми декабр ба андозаи на камтар аз 100 фоизи маблағи солонаи андоз;*

Маблағи пурраи андози ягонаро андозсупоранда метавонад бо як пардохт якбора пеш аз мӯҳлат пардохт намояд. Ҳамзамон, андозсупоранда метавонад маблағи пурраи андози ягонаро тибқи аризаи хаттӣ, ки ҳисоботи андоз ба ҳисоб меравад, то мӯҳлати якуми пардохти муқрраршуда, яъне 10 марти соли тақвимӣ пардохт намояд.

**- Оё супорандагони андози ягона аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ гузашта метавонанд?**

- Бале, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки супорандаи андози ягонаанд, метавонанд дар сурати даромади умумии онҳо ба талаботи низоми умумии андозбандӣ ҷавобгӯ будан, на дертар аз 10-уми январи соли тақвимӣ ба мақомоти дахлдори андоз оид ба гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ариза диҳанд ва аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ гузаранд.

Гузариш аз андози ягона ба низоми умумии андозбандӣ ва гузариши баракси он мутобиқи қоидаҳои гузариш барои супорандагони андози низоми содакардашуда тибқи талаботи моддаи 297 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**- Оё супорандаи андози ягона метавонад дар як вақт дар ду низоми андозбандӣ фаъолият намояд?**

- Супорандагони андози ягона ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти ғайрикишоварзӣ ба таври иловагӣ супорандаи андози низоми содакардашуда низ мебошанд.

Мисол: хоҷагии деҳқонии “Файзи куҳсор”-и ноҳияи Файзобод 20 га боғи себ дошта, соли 2018 ҳосили боғи ӯ зиёда аз 500 тоннаро ташкил додааст. Аз ҷониби хоҷагӣ 400 тонна себ коркард ва аз он шарбат ва афшураи себ истеҳсол карда шуд. Пас аз коркард хоҷагӣ шарбат ва афшураи истеҳсолкардаашро ба маблағи 600 ҳазор сомонӣ фурӯхта, маблағи онро ба суратҳисоби бонкии худ гузаронд. Маблағи фурӯши 100 тонна себи боқимонда, ки бе коркард ба фурӯш бароварда шуда буд, дар маҷмӯъ, 200 ҳазор сомониро ташкил дод.

Дар ин сурат, хоҷагӣ маблағи андози низоми содакардашударо аз рӯи фаъолияте месупорад, ки он ба истеҳсоли кишоварзӣ алоқаманд нест. Яъне манбаи андози низоми содакардашуда ҳамон 600 ҳазор сомониест, ки хоҷагӣ аз фурӯши шарбат ва афшураи себ ба даст овардааст.

**- Барои супорандагони андози ягона чӣ гуна имтиёзҳо пешбинӣ шудааст?**

- Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои супорандагони андози ягона вобаста ба шароит, мавқеи ҷойгиршавии замин ва намуди фаъолият як қатор имтиёзҳо дода шудааст. Аслан, аз андози ягона инҳо озод карда мешаванд:

а) ҳудуди мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, боғҳои ботаникӣ мутобиқи номгӯи чунин ташкилотҳо ва масоҳати ҳудудҳои онҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, агар чунин заминҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода нашаванд;

б) дар давоми 5 соли тақвимӣ баъд аз додани заминҳои вайроншуда (рекултиватсия талабкунанда) ва заминҳои дар марҳалаи азхудкунии кишоварзӣ қарордошта, ки мутобиқи хулосаи Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд;

в) заминҳое, ки таҳти хатти мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор дошта, барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд;

г) заминҳои захираи озоди давлатӣ, агар чунин заминҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода нашаванд;

д) дар давоми 5 соли тақвимӣ баъди ба андозсупоранда ҷудо намудани заминҳои чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва дигар заминҳое, ки қаблан дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифодда нашудаанд ва дар онҳо боғҳо ва токзорҳо бунёд шудаанд, аз пардохти андози ягона озод карда мешаванд. Доир ба майдони воқеии боғҳо ва токзорҳои дар чунин заминҳо бунёдгардида андозсупоранда ба таври хаттӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии онҳо дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи анҷом ёфтани чунин корҳо хабар медиҳад. Дар ҳолати сари вақт пешниҳод накардани хабари бунёд ва истифодаи чунин боғҳо майдони воқеии ишғолкардашуда ҳамчун заминҳои бо дарахтони бисёрсола бандбуда, бе пешниҳоди давраи 5-солаи имтиёзноки дар боло пешбинигардида андозбандӣ мешаванд.

**М. ТАБАРЗОДА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Таиланд отложил введение туристического сбора с иностранцев

## Введение этого сбора было намечено на 2019 г.

**Министерство туризма и спорта Таиланда приняло решение отложить введение в 2019 г. туристического сбора с иностранцев, сообщает ТАСС.**

Постоянный секретарь по туризму Чхоте Трачу отметил, что введение сбора может нанести дополнительный урон сектору, который оказался сейчас находится в застое. В мае он говорил, что ведомство изучило возможность введения туристического сбора с зарубежных гостей и использования дохода для восстановления природных мест. По его тогда словам, размера налога должен был быть минимальным, чтобы никак не отразиться на туристической отрасли.

«Мы не хотим вводить налог в этом году, так как это может ухудшить ситуацию с туризмом, особенно когда бат настолько силен», — отметил он. Трачу также уверен, что численность туристов, которые прибыли в течение последних четырех месяцев года, продолжит увеличиваться, что повысит их общее число до 40-41 млн человек в соответствии с прогнозом, так как правительство продлило временную отмену визового сбора для приезжих из некоторых государств.

http://taxpravo.ru

# Муайянсозии даромад ва хароҷоти воқеӣ

**Гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба иҷрои босифати нақшаи воридоти андоз ба буҷет хуб мусоидат менамояд. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ошкор намудани бархе аз андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд.**

Вобаста ба ин, кормандони гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе дар ҳашт моҳи соли 2019 дар фаъолияти 150 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд, ки аз ин 68 адад муоинаи гузаронидашуда ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе тааллуқ дорад.



Бояд гуфт, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 1 млн. 886 989 сомонро ташкил медод ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ он ба 3 млн. 830 741 сомонӣ баробар шудааст, ки фарқияташ 1 млн. 943 752 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражии гузаронидашуда 56 ҳазору 334 сомонӣ рост омадааст. Аз 10 адад муоинаи гузаронидашуда ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур мансуббуда, даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 141210 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 315206 сомонро ташкил намудааст ва фарқияташ 173996 сомонӣ мебошад, ки ба ҳар муоинаи хронометражӣ 31520 сомонӣ рост меояд. 37 адади дигар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ мутааллиқ аст, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 882013 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба 1 млн. 719925 сомонӣ расидааст, ки фарқияташ 837912 сомонӣ буда, 46484 сомонӣ ба ҳар муоинаи гузаронидашуда рост меояд. Ҳамчунин, 12 адад муоинаи хронометражӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ мансуб буда, даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 195153 сомониро ташкил додааст, аммо баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба маблағи 429605 сомонӣ зиёд гардидааст, ки фарқияташ 234452 сомонӣ буда, ба ҳар муоинаи хронометражӣ 35800 сомонӣ рост меояд.

Аз шумораи муоинаҳои гузаронидашуда 23 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино тааллуқ дошта, даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 403320 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 421820 сомониро ташкил намудаанд. Фарқияташ 376033 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 18340 сомонӣ рост омадааст.

Зикр кардан бамаврид аст, дар ин давра шумораи протоколҳои тартибдодашуда 93 ададро ташкил намудаанд. Аз ин шумора 46 адади он ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо маблағи 218900 сомонӣ, 6 адад ба Нозироти андози ноҳияи Шоҳансур бо маблағи 26400 сомонӣ, 15 адад ба Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 11 адад ба Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ бо маблағи 48400 сомонӣ ва 15 адад ба Нозироти андози ноҳия Сино ба маблағи 55000 сомонӣ мансуб буда, дар маҷмӯъ, маблағи протоколҳои тартибдодашуда 420200 сомниро дар бар гирифтаанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Баррасии барномаи «ҳуҷҷатгузории электронӣ»

**Дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи "Ҳуҷҷатгузории электронӣ" семинар-машварат доир гардид.**

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Фаррух Ҳамрализода нахуст дар семинар-машварат қайд намуд, ки бо мақсади дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармояи мустақим ба ҷумҳурӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", тасдиқ ва мавриди амал қарор гирифтааст ва ҷиҳати иҷрои он дар самти такмили қонунгузорӣ дар бахши танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд.

Мавсуф зикр кард, ки бо мақсади амалисозии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 "Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва аз 31 октябри соли 2018, №519 "Дар бораи Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020" дар Кумитаи мазкур барномаи системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи "Ҳуҷҷатгузории электронӣ" ба истифода дода мешавад, ки ҷорӣ намудани ин система метавонад ба самаранок гардидани фаъолият мусоидат намояд.

Сардори шуъбаи умумӣ ва назорати Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Шарофат Маматқулова барномаи "Системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи "Ҳуҷҷатгузории электронӣ", принсип, омилҳои асосӣ, афзалияти барнома, коркарди ҳуҷҷатҳо, нақшаи гардиш, азназаргузаронӣ ва назорати иҷрои ҳуҷҷатгузории электрониро тавассути рӯнамо ба ҳозирин муаррифӣ намуд.

**Ф. ҶОВИД**

# Ҳадаф - баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ

Тавре аз Раёсати андози ВМКБ иттилоъ доданд, дар фаъолияти 32 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа, камбудиҳои зиёд ошкор гардиданд. Баъзе аз андозсупорандагон дар ҳисоботҳои худ маблағи андозро кам нишон додаанд ва баъзеашон ба пинҳонкунии маблағи андоз даст задаанд. Дар натиҷаи ин қонунвайронкунӣ ба буҷет 706 ҳазору 968 сомонӣ ворид нагардид. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ба маблағи 581 ҳазору 768 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардид ва ин маблағ ба буҷаи маҳаллӣ ворид шуд.

Мутобиқи қонунгузорӣ санҷишҳои маҷмӯию амалиётӣ, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ба уҳдаи сардорон ва кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо гузошта шудааст ва ин масъулият аз онҳо тақозо мекунад, ки пайваста дониши касбии худро такмил диҳанд, аз таҷрибаи собиқадорон бахра баранд, одоби муошırату муомиларо риоя намоянд. Зеро назорати камералӣ ва дигар намудҳои назорат танҳо ошкор кардани нуқсу камбудиҳо нест, балки ба таври содаву фаҳмо ба андозсупорандагон шарҳу тавзеҳ додани ҳар як банди Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Агар андозсупорандагон ҳарчи бештар ба шеваи пардохт, мақсаду моҳият ва аҳамияти андоз дар пешрфти ҳаёти сокинони кишвар сарфаҳм раванд, ҳамон қадар кори худи кормандони нозиротҳои андоз низ осонтар мегардад.

Яке аз дигар намудҳои корҳои назоратӣ ин муоинаи хронометражӣ мебошад, ки даромаду хароҷоти воқеии андозсупорандагонро муайян месозад. Тибқи иттилои Раёсати андози вилоят дар 8 моҳи гузаштаи имсол дар фаъолияти 51 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд. Даромади умумии андозсупорандагон ба маблағи 140534 сомонӣ зиёд ва ба андоз ба маблағи 19208 сомонӣ иловагӣ ба буҷет пардохт гардид. Дар ҳамин ҳол, чуноне мушоҳида мешавад, баъзе аз нозиротҳои андози ноҳияҳо дар ин давра ҳамагӣ як ё ду бор муоинаи хронометражӣ гузаронидаанду халос. Аз ин рӯ, шумораи андозсупорандагоне, ки дар давоми як сол манбаи андозбандиашон ҳеҷ тағйир намеёбад ва ба хеле шубҳаовар ба назар мерасад, зиёд мегардад.

**Довари БОВАР**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Трамп заявил о возможной отсрочке пошлин на китайские товары



Президент США Дональд Трамп может отложить повышение пошлин на китайский импорт из-за намерения Пекина начать новые переговоры. Глава Соединенных Штатов признался, что провел два телефонных разговора с китайской стороной, которые оказались «хорошими» и «продуктивными».

«У них серьезные намерения. Они хотят заключить сделку», - цитирует Трампа ТАСС.

Ранее Трамп обвинил Пекин в краже американской интеллектуальной собственности, пообещал ответ на введенные Китаем против США тарифные ограничения, а также отдал распоряжение американским компаниям искать новые рынки.

Напомним, что власти Китая заявили о введении ответных дополнительных пошлин на ввоз американских товаров общим объемом 75 миллиардов долларов в год. Пошлины затронут 5 078 товарных позиций и вступят в силу в полночь по пекинскому времени первого сентября и 15 декабря. В ответ американский лидер пообещал скорректировать сумму налога на товары из КНР.

**Источник: https://rg.ru**

# Натиҷаи
## санҷиши амалиётӣ

Мақомоти андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҳашт моҳи соли равон мутобиқи 38 амрнома фаъолияти андозсупорандагонро мавриди санҷиши амалиётӣ қарор доданд ва ин санҷиш нишон дод, ки аз 214 нафар шахсони ҳуқуқию воқеӣ 52 нафар шахси воқеӣ бидуни сабти ном дар нозиротҳои андоз ба соҳибкорӣ даст задаанд. Санҷиш, ҳамчунин, 24 ҳолати нишон доданашудаи коргарони кироя дар ҳисобот ва бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани молу мулки ғайрманқулро ошкор кард. Нозирони андоз баъди ифшо гардидани нуқсу камбудиҳо ба соҳибкорон бори дигар аҳамияти дар чаҳорчӯби Кодекси андози ҷумҳурӣ фаъолият карданро шарҳу тавзеҳ доданд.

Муовини сардори раёсати андози вилоят дар суҳбат ба соҳибкорон изҳор намуд, ки онҳо ҳамеша дар талаби рушд ва тавсеаи соҳибкории хурду миёна ҳастанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳанд, ки ягон соҳибкор фаъолияташро қатъ намояд. Ин на ба манфиати давлат ва на ба манфиати худи соҳибкор аст. Баръакс аз фаъолият бозмондани як соҳибкор боиси бекор мондани чандин касон мегардад. Дар замони муосир, ки рӯз аз рӯз воситаҳои гуногуни коммуникатсионӣ чӣ дар марказҳои хизматрасонию корхонаҳои хурду калон ва чи дар ниҳодҳои назоратӣ васлу насб мешаванд, бо роҳи пинҳонӣ машғул шудан ба соҳибкорӣ ғайриимкон аст.

Баъди анҷоми санҷиши амалиётӣ он гурӯҳи соҳибкороне, ки ба хилофкорӣ роҳ додаанд санади маъмурӣ тартиб дода шуд ва мутобиқи он 33 ҳазору 77 сомонӣ андозҳои иловагӣ ба буҷаи маҳаллӣ ворид гардид. Ҳамчунин, аз 33 андозсупоранда ба иллати вайрон кардани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 24 ҳазору 895 сомонӣ ҷарима ситонида шуд. Санҷиши амалиётӣ дар фаъолияти нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо як қатор камбудиҳоро ошкор намуд, ки минбаъд барои ислоҳи он аз тарафи Раёсати андози вилоят чораҳои фаврӣ андешида мешавад. Аз ҷумла кормандони нозиротҳои андози ноҳияҳои Ванҷу Рушон дар давоми бештар аз 7 моҳ ягон санҷиш нагузаронидаанд, ки бо истифода аз ин баъзе аз соҳибкорон ба хилофкорӣ роҳ додаанд.

Дар масъалаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ низ камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Нозиротҳои андози ноҳияҳои Ишкошиму Мурғоб дар давоми бештар аз ним сол ҳамагӣ ду бор муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд. Илова бар ин Нозироти андози ноҳияи Мурғоб дар ин давра ҳатто як маротиба ҳам назорати комералиро баргузор накардааст.

**Довари БОВАР**

# Рафти фаъолияти соҳибкорӣ дар Хуҷанд

**Ба санаи 1-уми сентябри соли 2019 дар шаҳри Хуҷанд шумораи соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда 5 ҳазору 851 нафарро ташкил дод. Аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент дар ин давра ба буҷети давлатӣ 8 миллиону 918,2 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки баробари 101,5 фоиз ва аз нақшаи пешбинишуда 126,1 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**



Бино ба гуфти сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунандаи Нозироти андози шаҳри Хуҷанд Азизҷон Бобомерганов бо мақсади дарёфти сарчашмаҳои нави андозбандӣ ва зиёд намудани воридоти маблағҳо аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби мақомоти андоз пайваста тадбирҳои судманд андешида мешаванд. Соли ҷорӣ дар соҳаи хизматрасонии нақлиёт, боркашонӣ ва мусофиркашонӣ боз даҳҳо нафар шаҳрвандон фаъолияти соҳибкории худро ба роҳ монданд. Ҳамин тавр, дар ҳашт моҳи соли 2019 дар шаҳри Хуҷанд 733 нафар соҳибкори дар асоси патент фаъолияткунанда нав ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Теъдоди соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда дар ҳамин давраи соли 2019 дар муқоиса ба соли сипаришуда 192 адад зиёд гардидааст.

- Барои пешгирии фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ дар давраи сипаришудаи соли ҷорӣ якчанд санҷишҳои амалиётӣ бо кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ дар самти ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибони воситаҳои нақлиётии ба боркашонӣ ва мусофиркашонӣ машғулбуда гузаронида шуданд,-қайд намуд сардори гурӯҳ. - Дар натиҷа, бо талаботи моддаҳои 600, 603, 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 205 адад протоколи ҳуқуқвайрокунии маъмурӣ ба маблағи умумии 265 ҳазору 293 сомонӣ татбиқ карда шудааст.

Мувофиқи маълумоти бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар Нозироти андози шаҳри Хуҷанд ба санаи 1-уми сентябри соли равон 2 ҳазору 516 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки ин теъдод назар ба ҳамин давраи соли гузашта 82 нафар зиёд мебошад. Аз аввали сол то ин дам 205 соҳибкори бо шаҳодатнома фаъолияткунанда нав ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

- Андозҳои пардохтшуда ба буҷети давлатӣ дар ин давраи соли 2019-ум 18 миллиону 578 ҳазору 403 сомониро ташкил дод, - зикр дошт сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии бо Шаҳодатнома фаъолияткунандаи Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд Нозимҷон Ҷабборов. Маблағҳои воридшуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 миллиону 600 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Сардори гурӯҳ мегӯяд, ки масъалаи қарзи андозҳо ва андешидани чораҳои зарурӣ барои кам кардани бақияи қарзи андоз, ҳаматарафа омӯзиш ва пайваста мавриди муҳокима қарор дода шуда, роҳҳои ҳалли онҳо муайян карда мешаванд. Ба санаи 1-уми сентябри соли 2019 бақияи қарзи андоз аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ тибқи шаҳодатнома ба 985 ҳазор сомонӣ баробар аст. Нисбат ба аввали соли равон қарзи андоз аз ин ҳисоб 150 ҳазор сомонӣ кам карда шудааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Муомилот – тавассути QR-рамз

**Имрӯзҳо бо мақсади ҷорӣ гардидани технологияҳори муосири умури бонкӣ, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ барои мизоҷон шаклҳои нави хизматрасонӣ роҳандозӣ гардидааст, ки яке аз онҳо муомилоти молҳо тавассути QR- рамз аст.**



Тавре аз мактуби дастурии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол гардидааст, бармеояд, пардохти электронии маблағи хариди молу маҳсулот (иҷрои кор, хизматрасонӣ) тавассути QR-рамз муомилоти ғайринақдӣ буда, дар мавриди аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар маҳалли фаъолият анҷом додани пардохтҳо истифодаи терминалҳои электронии қабули кортҳои пардохтии бонкӣ (POS - терминалҳо) ҳатмӣ нест.

«Тибқи муқаррароти моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 «Дар бораи Тартиби истифодаи мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ (аз ҷумла ҳангоми муомилот бо кортҳои пардохтӣ ва штрих - кодҳо), талаботи техникӣ ба мошинҳои назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ (назоратӣ), инчунин, талабот нисбат ба системаи компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои электронӣ» ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо кортҳои пардохтӣ ва штрих - кодҳо истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) ва додани чипта ҳатмӣ мебошад», -омадааст дар мактуби дастурӣ.

Бинобар ин, бо мақсади риояи талаботи моддаи 38 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки ҳангоми анҷом додани корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷишҳои амалиётӣ ва хариди назоратӣ пардохти ғайринақдии хариди молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ)-ро тавассути QR-рамз ба инобат гирифта, истифодаи МНХ-ро аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва додани чипта ба харидорон назорат намоянд.

Инчунин, барои халалдор насохтани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода, дар мавриди риоя накардани талаботи зикргардидаи қонунгузорӣ ва роҳ додан ба қонунвайронкуниҳо мутобиқи муқаррароти моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маъмурӣ татбиқ намоянд.

**Ф. ҶОВИД**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Дочь бывшего премьера Малайзии обвиняется в неуплате налогов на $2,4 млн

Малайзийские налоговики обвинили дочь бывшего премьер-министра Наджиба Разака в неуплате налогов в размере 10,3 млн ринггитов ($2,4 млн), пишет ТАСС со ссылкой на газету The Straits Times.

В конце июля Управление внутренних доходов подало судебный иск против 31-летней Нурианы Наджиб, которая обвиняется в сокрытии доходов и уклонении от уплаты налогов в период с 2011 по 2017 гг.

По данным издания, первые судебные слушания по этому делу состоялся 12 сентября.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Ба саволҳои андозсупорандагон мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон посух мегӯянд



## САВОЛ:

**Дар қонунгузории андоз нисбат ба кормандон ва нафақахурони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои нақлиёт кадом имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд?**

## ҶАВОБ:

**Нисбати андоз аз воситаҳои нақлиёт:**

Мутобиқи муқаррароти моддаи 267 Кодекси андоз озодкунӣ аз андозбандӣ нисбати як автомобил, новобаста ба иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни барҳамдиҳии оқибатҳои фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил мебошад ва дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешавад, пешбинӣ шудааст.

**Нисбати андоз аз объектҳои ғайриманқул:**

Тибқи муқаррароти моддаи 278 Кодекси андоз объектҳои ғайриманқул дар шакли як хонаи истиқоматӣ ва дигар биноҳои дар як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва ё як қитъаи замин барои сохтмони манзил ҷойдошта ва ё як ҳуҷрае, ки дар онҳо Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, собиқ партизанҳо ва ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил, маъюбони гурӯҳҳои I ва II ба қайд гирифта шудаанд, андозбандӣ намегарданд.

Бо дарназардошти ин, имтиёзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои нақлиёт танҳо нисбати он татбиқ мешаванд, ки онҳо ба яке аз гурӯҳҳои номбаршуда шомил бошанд.

## САВОЛ:

**Объектҳои молу мулки ғайриманқули дар солҳои 2014, 2015 иловагӣ сохташуда дар соли 2019 маблағи андозашон ба меъёри андози кадом сол ба ҳисоб гирифта мешавад?**

## ҶАВОБ:

Мутобиқи қисми 2 моддаи 281 Кодекси андоз ҳисоби маблағҳои андозҳои пардохтшаванда аз молу мулки ғайриманқули (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул) шахсони воқеӣ, ки онро дар фаъолияти соҳибкории худ истифода намекунанд, дар муҳлати на дертар аз 1-уми майи соли ҷорӣ аз ҷониби мақомоти андози дахлдор огоҳонида мешаванд.

Мутобиқи моддаи 282 Кодекси андоз ин шахсон маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул) барои соли ҷории андоз дар муҳлатҳои на дертар аз 15-уми июн, 15-уми август ва 15-уми ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 33 фоиз, 66 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона супорида мешавад. Ҳамзамон андозсупоранда уҳдадор аст пардохти андоз аз молу мулки ғайриманқулро дар муҳлати муқарраргардида иҷро намояд.

Ҳангоми дар муҳлатҳои муқарраргардида аз ҷониби андозсупоранда иҷро нагардидани пардохтҳо аз рӯи ҳар яке аз андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз ҷониби мақоми андоз барои батаъхиргузории пардохт фоизҳо ҳисоб карда мешаванд.

Бо дарназардошти ин, маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули дар солҳои 2014 ва 2015 сари вақт пардохт карда нашуда, алоҳида бо меъёрҳои тасдиқшудаи ҳамон давра ситонида шуда, фоизҳо барои сари вақт пардохт накардани маблағи андоз ҳисоб карда мешавад.

## САВОЛ:

**Коэффитсиенти минтақавии андозаи пардохти андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул дар қаламрави шаҳракҳои ноҳияи Зафаробод мувофиқи моддаи 279 кисми 3 КАҶТ нашри 2012 ба гурӯҳи 6, яъне 0,15 муайян шудааст. Он то кадом сол амал мекард?**

## ҶАВОБ:

Тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 279 Кодекси андоз коэффитсиенти минтақавии андозаи пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул дар қаламрави шаҳракҳои ноҳияи Зафаробод тибқи гурӯҳи 4, яъне 0,4 фоиз ва барои қаламрави деҳот тибқи гурӯҳи 6 0,15 фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар гардидааст.

## САВОЛ:

**Бинои истиқомати шахси воқеӣ аз ҳуҷраҳои таъиноташон гуногун иборат аст, аз ҷумла:**

*- пешайвон ба сифати анбор, нигоҳдории пойафзор барои ба хона даромадану баромадан;*

*- ҳуҷра ба сифати ҳаммом, ҳуҷра ба сифати хӯрок пухтан, роҳравҳо ба сифати ҳуҷраҳои даромадану баромадан;*

**Масоҳати ишғолнамудаи онҳо ёрирасон ҳисобида мешавад ё не? Агар ёрирасон ҳисобида шаванд, пас ба сифати манбаи андози 50% масоҳати ишғолнамуда онҳоро гирифтан мумкин аст ё не?**

## ҶАВОБ:

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 269 Кодекси андоз, объектҳои ғайриманқул – биноҳо, иморатҳо ва молу мулки дигари ба замин мустаҳкам насбгардида, яъне объектҳое, ки ҷойивазкуниашон бе расонидани зарари моддӣ ба онҳо ғайриимкон аст, шарҳ дода шудааст.

Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 277 Кодекси андоз ба сифати манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ (гаражҳо, саройҳо ва дигар биноҳои ёридиҳанда), ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд, гирифта мешавад.

Дар қисми 3 моддаи 277 Кодекси андоз чунин шарҳ дода шудааст: Биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ (гаражҳо, саройҳо ва дигар биноҳои ёридиҳанда), ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд, ба сифати манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи онҳо гирифта мешавад.

Инчунин, дар муқаррароти моддаи 279 Кодекси андоз, номгӯи объектҳои ғайриманқул дар алоҳидагӣ номбар гардидааст. Яъне, объектҳои ғайриманқули ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда ва биноҳои ёрирасони онҳо.

Бо дарназардошти ин, муқаррароти мазкур биноҳои алоҳидаро дар назар дорад. Агар пешайвон ба сифати анбор, нигоҳдории пойафзор пеш аз ба хона даромадан, ҳуҷра ба сифати ҳамом, ҳуҷра ба сифати хурок пухтан, роҳравҳо ба сифати ҳуҷраҳои гаштугузор кардан дар дохили як бино бошанд, он гоҳ он ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда ба ҳисоб меравад.

**Таҳияи М. УСМОНОВА**

# Номутобиқатӣ

**Ба ҳолати 1-уми июли соли 2019 маблағи бақияи қарзи андозҳо, дар маҷмӯъ, 698,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ 26,7 млн. сомонӣ кам мебошад. Аммо муқоисаи маълумоти барномаи компютерӣ бо маълумоти ҳисоботи пешниҳодшуда нишон додааст, ки маблағи бақияи қарзи андозҳо дар ҳисоботи намунаи 3А (маълумот оид ба маблағи бақияи қарзи андозҳо) нисбат ба маблағҳои дар барномаи компютерӣ мавҷудбуда, аз ҳисоби 473 субъект дар ҳаҷми 336,8 млн. сомонӣ кам мебошад.**

Ин нукта дар мактуби дастурии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мақомоти ҳудии андоз ирсол шудааст, дарҷ гардидааст. Дар он гуфта шудааст, ки дар натиҷаи таҳлилу муқоисаи маълумоти махзани барномаҳои компютерии СМИИА нишондиҳандаҳои ҳисоботи намунаи 3А, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ҳар моҳ ба Кумитаи андоз пешниҳод мешавад, номутобиқатиҳо ҷой дорад.

- Аз маблағи умумии қарзҳои дар барномаи



компютерӣ мавҷудбуда ва дар ҳисобот нишондоданашуда 18,3 млн. сомонӣ аз ҳисоби бекор кардани ҳисобнома - фактураи андоз аз арзиши иловашуда, 35,4 млн. сомонӣ аз ҳисоби санадҳои санҷишӣ, 7,7 млн. сомонӣ аз ҳисоби назорати камералӣ, 81,8 млн. сомонӣ маблағҳои таҳти баҳс қарордошта, 27,1 млн. сомонӣ аз ҳисоби ислоҳ намудани маълумот, 161.8 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ба сифр баробар намудани маблағҳои изофа ва дигар маблағҳоро ташкил дода, маблағи дар ҳисоботи намунаи 3А кам нишондодашуда, бе дарназардошти маблағҳои қайдгардида, 137,9 млн. сомониро ташкил медиҳад,- омадааст дар мактуби дастурӣ. - Номутобиқатии маблағи бақияи қарзи андозҳои дар ҳисоботи намунаи 3А нишондодашуда, нисбат ба маблағҳои дар барномаи компютерӣ мавҷудбуда, дар шаҳри Душанбе 11,3 млн. сомонӣ, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 22,6 млн. сомонӣ, дар вилояти Хатлон 87,2 млн. сомонӣ ва дар вилояти Суғд 16,7 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Муқоисаи маълумот гувоҳӣ медиҳад, ки гарчанде як қисми маблағҳои дар ҳисоботи намунаи 3А нишондоданашуда маблағи қарзҳои мушкилситон ва андозҳои аз ҷониби андозсупорандагон эътирофнашуда (баҳсӣ) аст, вале қисми дигари ин маблағҳо қарзҳои эътирофшудаи андозсупорандагон ба шумор рафта, маблағҳо дар ҳисобот оид ба маблағи бақияи қарзи андозҳо (намунаи 3А) бояд пурра нишон дода шаванд.

Бо дарназардошти ҳолати мазкур ва бо мақсади барҳам додани маблағи бақияи қарзи андозҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мавҷудбуда, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки минбаъд ҳангоми таҳияи хисоботи намунаи 3А ба дурустии маълумоти дар он нишондодашуда аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, маблағи бақияи қарзҳои эътирофнамудаи андозсупорандагонро, ки тибқи талаботи моддаи 66 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати даъвои онҳо ба охир нарасидаю мавриди баҳс карор надоранд, дар ҳисобот пурра дарҷ кунанд ва ҷиҳати давра ба давра ба буҷет рӯёнидани онҳо дар доираи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд.

**М. ҶУМЪА**

# Шарҳи қарору фармоишҳо

**4 сентябри соли ҷорӣ бо иштироки кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо соҳибкорони ҶДММ “Бозори Корвон” семинар-машварат баргузор шуд.**

Сараввал, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандгони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов суханронӣ намуда, аз ҷумла гуфт, ки ташкили семинар –машварату, вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагон ба фоида ҳар яки мо мебошад. Таъкид менамоем, ки ҳангоми ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан ва аз бақайдгирии давлати гузаштан зарур ва ҳатмӣ мебошад. Барои бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, сармутахассиси Раёсати санҷишҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Хайруллозода вобаста ба пешниҳоди дурусти эъломияҳо ва пардохти андозҳо баромад кард. Ӯ қайд намуд, ки аз оғози моҳи майи соли 2018 Кумитаи андоз дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани кортҳои пардохтии бонкӣ” аз 31 декабри соли 2014 таҳти №815 хизматрасонии эквайренгиро мавриди истифода қарор дод. Бо мавриди истифода қарор додани тартиби мазкур, шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имконият доранд, ки бо истифода аз чунин хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтӣ маблағҳои андозҳоро дар шакли ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд.

Дар семинар-машварат зикр шуд, ки аз моҳи декабри соли 2017 дар Бахши иттилоотии Кумитаи андоз Системаи мултимедии “Контакт-сентр” – Avaya” мавриди истифода қарор гирифтааст, ки дорои имкониятҳои бақайдгирӣ, сабт ва нигоҳдории тамоми гуфтугӯҳои телефонӣ ва таъмини дар навбат нигоҳ доштани занги мурожиаткунандагон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба онҳо ва бештар ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ нигаронида шудааст. Илова бар ин, ҷиҳати баланд бардоштани тафаккури андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон ва маҳдуд намудани омилҳои номатлуб дар рафти хизматрасониҳо, дар асоси Фармоиши Кумитаи андоз аз 12.07.2017, таҳти №316 “Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон” (СЯХА) дар таҳрири нав қабул ва дар шакли ҷадвали тасдиқгардида 74 намуди Стандартҳои хизматрасонии мақомоти андоз муқаррар гардидааст. Ҳамчунин, дар ҷамъомад таъкид шуд, ки мувофиқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 дар масъалаи уҳдадориҳои бозорҳо ва марказҳои савдо ҳангоми бастани шартномаҳо бо шаҳрвандон, масъулони бозорҳо ва марказҳои калони савдо, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ба имзо мерасонанд, уҳдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳалли қайди худ оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият бо нишондоди раста ва ҷойи фаъолият маълумотро ба таври электронӣ пешниҳод намоянд. Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 24.07.2019 дар бораи ихтисор кардани гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда низ ба иштирокчиён шарҳ дода шуд. Қайд гардид, ки мақсади фармоиши мазкур дахолат накардани кормандони мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорон, халалдор накардан дар самти пардохти маблағҳои патент мебошад. Таъкид шуд, ки барои сари вақт насупоридани андозҳо барнома фоизҳо ҳисоб менамояд ва ҳамчунин гурӯҳҳои доимоамалкунанда корҳои назоратӣ мебаранд ва дар сурати бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан нисбати соҳибкорон дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима татбиқ мегардад.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

## Рӯйхати андозсупорандагоне, ки дар назди буҷет аз пардохти маблағҳои андоз қарздоранд (ба ҳолати 1.08.2019)

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

| № | НОМГӮИ АНДОЗСУПОРАНДА | Маблағи қарзи андоз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| | АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ НОҲИЯИ ФИРДАВСӢ | |
| 69 | Воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Ҳоҷӣ Қурбон» | -8 166 |
| 70 | ҶДММ «Ал - Хизр» | -8 083 |
| 71 | Воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Гулмуҳаммад» | -7 716 |
| 72 | ҶДММ «Зариф КО» | -7 681 |
| 73 | Мактаби автомобилии ТММ -и ш.Душанбе | -7 080 |
| 74 | ҶДММ «Кӯдакистони афсонаи кӯҳӣ» | -5 567 |
| 75 | ҶДММ «Текмаксан» | -5 012 |
| 76 | ҶДММ «Истиқлол 2019» | -4 395 |
| 77 | Воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Барх» | -2 422 |
| 78 | Воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Сино 555» | -1 821 |
| 79 | ҶДММ «Мунис-С» | -1 813 |
| 80 | Воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Шаҳло» | -1 636 |
| | | |
| | АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ НОҲИЯИ СИНО | |
| 1 | МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | -162 814 |
| 2 | Раёсати ҳисоби хоҷагидории истифодабарии манзили №13 | -97 321 |
| 3 | ҶДММ «Хишти аввал» | -73 840 |
| 4 | Кооперативи моликони манзилии № 6 | -64 836 |
| 5 | ҶДММ «Хонасоз Дилшод» | -64 347 |
| 6 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №156-и ноҳияи Сино» | -60 000 |
| 7 | ҶДММ «Ҷамшед Ф» | -50 906 |
| 8 | Управление жилишно коммуналного хозяйство №10 | -47 197 |
| 9 | ҶДММ «Биносоз 2015» | -43 099 |
| 10 | ҶДММ «Азия Дента» | -41 207 |
| 11 | ҶДММ «Газовик 1» | -37 300 |
| 12 | МД «Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)-и шаҳри Душанбе» | -37 175 |
| 13 | ҶДММ «Лифттаъмир» | -36 969 |
| 14 | Идораи хоҷагии коммуналии манзилии №8 | -33 924 |
| 15 | Раёсати ҳисоби хоҷагидори истифодабари манзили №1 | -32 734 |
| 16 | ҶДММ «Давлат 1» | -32 570 |
| 17 | ҶДММ «Фонус» | -31 700 |
| 18 | ҶДММ «Ясмина 2016» | -31 041 |
| 19 | ҶДММ «Шаҳзод Интернейшнл» | -30 154 |
| 20 | МД таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-Интернати №4 барои кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва бепарастор»-и ш. Душанбе | -29 532 |
| 21 | Управление жил-ком хозяйства-14 | -28 539 |
| 22 | Объединеныйжилищно строительный кооператив №1 | -27 637 |
| 23 | ҶДММ «Ориён нақлиёт хизматрасон» | -27 378 |
| 25 | КВД «Маркази касбомӯзии ш. Душанбе» | -23 421 |
| 26 | Жилищно-строительный кооператив №71 | -23 290 |
| 27 | ҶСК «Автотранссентр» | -23 205 |
| 28 | Раёсати ҳисоби хоҷагидорӣ - истифодабарии №16 | -22 805 |
| 29 | ҶДММ «Киш-Миш» | -22 304 |
| 30 | Раёсати ҳисоби хоҷагидорӣ - истифодабарии №12 | -20 351 |
| 31 | Раёсати манзилӣ-комуналии хоҷагии №3 | -20 334 |
| 32 | ҶДММ «Дилшод-Р» | -20 317 |
| 33 | ҶДММ «Тоҷ Ком Сохтмон» | -18 959 |
| 34 | Муассисаи «Минтақаи 92-и Муассисаи давлатии идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзил»-и н. Сино | -18 030 |
| 35 | ҶДММ «Медтехсервис» | -17 825 |
| 36 | ҶДММ «Муқадим» | -17 672 |
| 37 | ҶДММ «Сомон сохтмон 2015» | -17 165 |
| 38 | ҶДММ «Бадр ЛТД-М» | -16 970 |
| 39 | ҶДММ «Фаровон 33» | -16 421 |
| 40 | Управление жилищного комунальная хозяйства №11 | -15 608 |
| 41 | КВД «Дармонгоҳи стоматологӣ» | -14 744 |
| 42 | ҶДММ «Сохтмон Энерҷи» | -14 658 |
| 43 | ҶДММ «Тулуи Аҷам» | -14 563 |
| 44 | МД Махсуси умумии асосии «Мактаб-интернати ёрирасони №3»-и ш.Душанбе | -14 399 |
| 45 | ҶДММ «Афшана» | -11 795 |
| 46 | Корхонаи воҳиди сарраёсати хоҷагии манзилию коммуналии Ҳукумати н. Сино | -11 651 |
| 47 | Кооперативи манзилию сохтмонии №47 | -10 633 |
| 48 | Муассисаи «Минтақаи 53-и МДИ ва хизматрасонии фонди манзил»-и н. Сино | -10 441 |
| 49 | ҶДММ «Сафо 2013» | -10 043 |
| 50 | ҶДММ «Шарбатҳо» | -10 027 |
| 51 | ҶДММ «Бахтик» | -9 793 |
| 52 | ҶДММ «Микола 2002» | -8 465 |
| 53 | ҶДММ «Муҳити солим» | -7 590 |
| 54 | Ташкилоти ғайриҳукуматии хайриявии «Ба истиқболи зиндагӣ» | -5 705 |
| 55 | МД «Ҳунарҳои мардумии» Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | -5 423 |

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# «Хитрый белорус» заплатит $56 000 за семь старых Audi

**С октября 2018 года по февраль 2019-го находчивый автомобилист ввез из Польши семь других автомобилей Audi под видом своего автомобиля — Audi A6 1995 года выпуска**

После въезда на территорию Беларуси поклонник «четырёх колец» устанавливал на купленные за границей автомобили белорусские номера. При этом для прохождения таможенного контроля он выбирал «зеленый» коридор, где не требовалось декларирование ввозимых товаров, сообщает пресс-служба Генеральной прокуратуры Республики Беларусь.



Все автомобили были изъяты. Кроме того, с 57-летнего жителя Брестской области будут взысканы таможенные пошлины на сумму 116 тысяч белорусских рублей — это 3 700 000 российских рублей или $56 000.

Интересно, что все проезды через границу были зафиксированы на видео: по всей видимости, однажды таможенников смутило, что машины — несмотря на одинаковые номера — отличаются цветом. В отношении автомобилиста заведено уголовное дело по ч. 1 ст. 231 «Уклонение от уплаты таможенных платежей» Уголовного кодекса Республики Беларусь.

Уклонение от уплаты таможенных платежей в крупном размере наказывается штрафом, или лишением права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью, или исправительными работами на срок до двух лет, или арестом на срок до шести месяцев, или лишением свободы на срок до трех лет.

**Источник: https://auto.mail.ru**

# «Оид ба назорати камералӣ»

№434 аз 17.09.2019

**Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ба танзим даровардани тартиби гузаронидани назорати камералии эъломияҳои (ҳисоботи) андозсупорандагон, беасос халалдор насохтани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, мусоидат намудан ба андозсупорандагон ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозҳо ва (ё) пардохтҳо ҷойдошта, риояи тартиб ва мӯҳлати гузаронидани назорати камералӣ, мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 37, 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз,**

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Тартиби гузаронидани назорати камералӣ ва шакли огоҳинома ва маълумотномаи (санади) назорати камералӣ тибқи Замимаҳои №№1, 2, 3 ва 4 ба Фармоиши мазкур тасдиқ карда шаванд.

2. Сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, Нозироти андозсупорандагони калон, Нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ уҳдадоранд:

- тибқи тартиби муқарраргардида оид ба гузаронидани назорати камералӣ ва барасмиятдарории натиҷаҳои назорати камералиро бо риояи талаботи Фармоиши мазкур таъмин намоянд;

- бо мақсади пешгирии эҳтимолияти қабули огоҳиномаҳои (қарорҳои) беасос аз натиҷаи назорати камералӣ ва пешгирӣ намудан аз бамиён омадани ҳолатҳои баҳснок бо андозсупорандагон, барои ворид намудани Огоҳинома, маълумотнома ва қарор аз натиҷаи назорати камералӣ ба барномаи компютерии СИА «Назорати камералӣ», дар Кумитаи андоз ба зиммаи сардори шуъбаи назорати камералӣ, дар Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, ВМКБ - сардорони шуъбаҳои санҷиши андозҳо ва сардорони шуъбаҳои (бахшҳои) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дар нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна ва шуъбаҳои онҳо дар шаҳри Душанбе - сардорони шуъбаҳои аудит, дар шуъбаҳои нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон - сардорони ин шуъбаҳо, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - сардорони шӯъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор мешавад.

Дохил кардани маълумотномаи (санади) назорати камералӣ ба барномаи компютерии СИА "Назорати камералӣ" танҳо баъд аз гузоштани дастхати сардорони раёсатҳои андоз (нозиротҳои андоз) ва дар шуъбаҳои нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон баъд аз гузоштани дастхати сардорони ин шуъбаҳо дар қисмати болоии маълумотномаи (санади) назорати камералӣ, амалӣ карда мешавад.

3. Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки Огоҳиномаи (қарори) назорати камералиро танҳо тавассути барномаи компютерии СИА "Назорати камералӣ" чоп намуда, ба андозсупорандагон дастрас намоянд. Нусхаи маълумотномаи (санади) назорати камералиро, ки бо дастхат ва имзои сардорони раёсатҳо (нозиротҳо), мутобиқатии онҳо ба Фармоиши мазкур тасдиқ гардидааст, ба барнома ворид намоянд.

4. Дар рафти анҷом додани корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷишҳои амалиётӣ гузаронидани назорати камералӣ манъ аст.

- дар рафти санҷишҳои амалиётӣ ва ё санҷишҳои аудитии мақомоти ҳудудии андоз аз ҷониби гурӯҳҳои кории Кумитаи андоз ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амалишаванда, муайян намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ки тибқи талаботи муқарраргардида зарурати гузаронидани назорати камералиро ба миён меоранд, тибқи Фармоиши Кумитаи андоз «Оид ба гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ» бо пешниҳоди гузориши асосноки роҳбарони гурӯҳҳои корӣ бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз, бо риояи ҳатмии Тартиби мазкур назорати камералӣ гузаронида мешавад;

- дар рафти санҷишҳои амалиётии аз ҷониби гурӯҳҳои кории Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, ВМКБ, НАК ва НАМ (инчунин шӯъбаҳои ин нозиротҳо дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд) муайян намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ки зарурати гузаронидани назорати камералӣ ҷой дорад, тибқи Фармоиши Кумитаи андоз «Оид ба гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ» бо пешниҳоди гузориши асосноки роҳбарони гурӯҳҳои корӣ бо иҷозати сардорони раёсатҳои андоз, НАК ва НАМ, бо риояи ҳатмии Тартиби мазкур назорати камералӣ гузаронида мешавад.

5. Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ риоя накардани талаботи яке аз бандҳои Фармоиши мазкур ва Тартиби муқарраргардида, барои беэътибор донистани натиҷаи назорати камералӣ асос мегардад ва нисбати сардорони воҳидҳои мақомоти андоз ва кормандони масъули мақомот, ки ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд, тибқи тартиби муқарраргардида чораҳои интизомӣ андешида мешавад.

6. Дар мақомоти андоз нисбат ба ҳар як маълумотномаи назорати камералӣ дар барномаи компютерии СИА «Назорати камералӣ» парвандаи алоҳида тартиб дода мешавад, ки дар он ҳамаи маводи (ҳуҷҷатҳои) алоқаманд ба назорати камералии гузаронидашуда ва натиҷаи чораҳои андешидашуда нигоҳ дошта мешаванд. Тартиби барасмиятдарорӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории парвандаҳои назорати камералӣ ва шакли ҳисоботи назорати камералӣ дар асоси фармоиши алоҳида тасдиқ карда мешавад.

7. Раёсатҳои санҷишиандозҳо, такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили андозбандӣ, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, таъмини ҳуқуқ ва мақомоти ҳудудии андоз дар якҷоягӣ бо КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" барои пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз ва беҳтар намудани маъмурикунонии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати мунтазам такмил додани барномаи компютерии СИА"Назорати камералӣ" ва тибқи барнома ба роҳ мондани назорати риояи маҳдудият барои гузаронидани назорати камералӣ муқарраршуда чораҷӯӣ намоянд.

8. Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати ташкили андоз дар якҷояги бо КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" вазифадор карда мешаванд, ки то санаи 01.10.2019 Барномаи СИА "Назорати камералӣ" -ро ба Фармоиши мазкур мутобиқ намуда, минбаъд барои мунтазам такмил додани барнома чораҷӯӣ намоянд.

9. Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати ташкили андозбандӣ ҷиҳати татбиқи амалии Фармоиши мазкур барои бо мақомоти ҳудудии андоз ва шаҳрвандон - андозсупорандагон гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ чораҷӯӣ намояд.

10. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон Фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намуда, дар рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонад.

11. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро барои корбарӣ ба раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

12. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини сарпараст, Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати ташкили андозбандӣ ва сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вогузор карда мешавад.

13. Фармоиши Кумитаи андоз аз 10.01.2018, №14 «Оид ба назорати камералӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раис Н. ДАВЛАТЗОДА**

**Замимаи №1**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2019, №434**

## Тартиби гузаронидани назорати камералӣ

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур бо дарназардошти талаботи моддаҳои 22, 37, 45, 57 ва 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, тартиб, талабот ва усулҳои гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагонро муайян месозад.

2. Назорати камералӣ дар асоси талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти андоз ба таври доимӣ, бе ягон қарори махсуси (амрномаи) роҳбари мақомоти андоз бо роҳи муқоисаи нишондодҳои эъломияҳои андоз ва (ё) пардохтҳо аз ҷониби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳод гардида, нисбат ба маълумоти дар ихтиёри мақомоти андоз ҷойдошта, аз ҷумла маълумоти аз дигар мақомот дастрасшуда оид ба объектҳои андозбандӣ ва (ё) пардохтҳо гузаронида мешавад. Чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад.

3. Назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо буда, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз ва (ё) пардохтҳо гузаронида мешавад. Назорати камералӣ ба андозсупорандагон имконият медиҳад, ки то давраи санҷиши ҳуҷҷатии андоз номутобиқатиҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз ва (ё) пардохтҳо ҷойдоштаро бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз ва ҳисобот мустақилона ислоҳ намоянд.

4. Назорати камералӣ танҳо аз ҷониби корманди мақомоти андоз дар биноҳои маъмурии мақомоти андоз аз ҷониби кормандони мақомоти андоз гузаронида мешавад. Гузаронидани назорати камералӣ берун аз бинои маъмурии мақомоти андоз манъ аст.

Зимни гузаронидани назорати камералӣ, даъвати андозсупоранда (ё шахсони масъули андозсупоранда), ба истисное ихтиёран ба мақомоти андоз ҳозир шудани андозсупоранда манъ аст.

5. Гузаронидани назорати камералии ҳисобот ва эъломияҳои андоз аз ҷониби дигар мақомотҳо манъ аст ва дар сурати ошкор шудани чунин ҳолатҳо, натиҷаи чунин назорати камералӣ тибқи тартиби муқаррааргардида бекор карда мешавад.

6. Назорати камералӣ барои давраи муайяни андоз баъди гузашти мӯҳлати пешниҳоди эъломияи (ҳисоботи) андоз, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, гузаронида мешавад.

### II. Тартиб ва талабот оид ба гузаронидани назорати камералӣ

7.Назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагон бо дарназардошти талаботи моддаҳои 37 ва 66 Кодекси андоз, дигар муқаррароти қонунгузории андоз ва риояи ҳатмии талаботи Тартиби мазкур гузаронида мешавад.

Ҳама гуна маблағҳои аз ҷониби мақомоти андоз дар рафти корҳои назоратӣ илова ҳисобшавандаи андозҳо, тибқи муқаррароти зерсархати 1, қисми 2 моддаи 45 Кодекси андоз, бо риояи талаботи Тартиби мазкур, танҳо пас аз пешниҳоди Огоҳинома ба андозсупоранда баррасӣ карда мешавад.

8. Назорати камералӣ бо чунин тартиб гузаронида мешавад:

8.1. Дар ҷараёни назорати камералии эъломияҳо ва ҳисоботи андозсупорандагон, инчунин муқоисаи онҳо бо маълумоти дар мақомоти андоз ҷойдошта, муайян гардидани номутобиқатиҳо ба андозсупоранда барои бартараф намудани номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ҷойдошта Огоҳинома (тибқи шакли Замимаи №2) ирсол карда мешавад. Огоҳинома ба андозсупоранда тариқи утоқи шахсии андозсупоранда дар шакли электронӣ ва (ё) хаттӣ ирсол карда мешавад. Огоҳиномаи коғазӣ ба андозсупоранда метавонад, ки тавассути почта фиристода шавад.

Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ маълумоти зерин дида мешаванд:

- ҳолати баҳисобгирии (қайди андозӣ) объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд;

- ҳолати пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботи) андоз;

- дурустии пур кардани реквизитҳои эъломияи (ҳисоботи) андоз;

- риояи тартиби пур кардани сатр ва сутунҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз, пурра ва мукаммал нишон додани маълумот дар эъломияҳо;

- дурустӣ ва мукаммалии ҳисоби андозҳо, ки андозсупоранда дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷ намудааст;

- мутобиқатии нишондиҳандаҳои дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дарҷгардида, нисбат ба замимаҳои эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо ё маълумоти дар мақомоти андоз нисбати фаъолияти андозсупоранда ҷойдошта;

- назорати мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози бо ҳамдигар алоқаманд;

- бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;

- қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз;

- асоснокии истифодаи меъёрҳои андоз;

- алоқамандии нишондиҳандаҳои тавозуни муҳосибии ба мақомоти андоз пешниҳодгардида бо эъломияҳои андоз;

- муқоисаи нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз бо нишондиҳандаҳои давраҳои ҳисоботии гузашта ва нишондиҳандаҳои андозсупорандагони шабеҳи фаъолият;

- мутобиқатии даромади умумии дар эъломияҳои андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андози низоми содакардашуда нисбат ба маълумоти дар анбори электронӣ дар махзани барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи идоракунии иттилоотии андоз (СМИИА) ҷойдошта вобаста ба таҳвили молҳо;

- асоснокии маълумот оид ба таҳвили молҳои дар ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда дарҷгардида ва муқисаи онҳо бо маълумоти барномаи анбори электронӣ;

- ба ҳисоб нагирифтани амалиёт аз рӯи ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва маблағи андози он, бино бар бо андозсупорандаи бемасъулият анҷом додани амалиёт;

- асоснокии баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда дар доираи амалиётҳои андозбандишаванда, аз ҷумла баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба воридоти молҳо;

- мутобиқатии маълумоти оморӣ ва омори гумрукӣ, андозсупорандагони ҳамшабеҳи фаъолият, аз ҷумла вобаста ба нархи бозорӣ нисбат ба маълумоти дар эъломияҳои андоз дарҷшуда дар давраҳои муайяни андоз;

- тибқи талаботи Кодекси андоз баҳодиҳии моҳияти иқтисодӣ доштан ва ё надоштани амалиёти анҷомдодашуда бо мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда;

- баррасии асоснокии истифодаи имтиёзҳои (тарҳҳои) андозӣ, эътимоднокии таркиби хароҷот ва дигар тарҳҳои андозӣ;

- баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибӣ бо эъломияҳои андозаз нуқтаи назари мутобиқати маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда ва маълумот оид ба фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории андозсупоранда, ки аз дигар манбаъҳо дастрас шудааст;

- дигар ҳолатҳои (маълумоти) барои иҷрои пурра ва саривақтии уҳдадориҳои ба андоз алоқаманд.

Назорати камералӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз метавонад нисбати дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ (ё объектҳои андозбандӣ) алоқаманди андозсупоранда гузаронида шавад, ки пешниҳоди он тибқи талаботи қонунгузорӣ барои андозсупоранда ҳатмӣ мебошад.

Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ҳолатҳои қайдгардида бо риояи пайдарҳамӣ аз ҷониби корманди мақомоти андоз баррасӣ мешавад.

Агар дар натиҷаи муқоисаи эъломияҳои андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва маълумоти аз дигар манбаъҳо дастрасгардида ҷой доштани ҳолатҳои эҳтимолии қонунвайронкуниҳои андоз ошкор гардад, аз ҷониби мақомоти андоз тибқи тартиби муқарраргардида ба андозсупоранда Огоҳинома оиди дар муҳлати 10 рӯз бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои ҷойдошта ва ё пешниҳоди тавзеҳоти асосноки хаттӣ ирсол карда мешавад.

Андозсупоранда бояд дар ин муҳлат (давоми 10 рӯз пас аз гирифтани Огоҳинома) ба мақомоти андоз мустақилона эъломияи иловагии андозро пешниҳод намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф ё ин ки тавзеҳоти хаттӣ бо дарҷи асоснокӣ, бо истинод ба бандҳо, қисмҳо ва моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз пешниҳод намояд.

8.2. Агар аз ҷониби андозсупоранда баъд аз 10 рӯзи қабули Огоҳинома ба эъломияҳои андоз тағйироти дахлдор ворид нашавад ва (ё) тавзеҳоти асоснок пешниҳод нагардад, мақомоти андоз тибқи талаботи моддаи 57 Кодекси андоз аз андозсупоранда маълумоти иловагӣ, аз ҷумла нусхаҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибии алоқаманд ба мавзӯи назорати камералӣ ва дар сурати ҷой доштани зарурат аз шахсони сеюм -контрагентҳои андозсупоранда ва дигар шахсони алоқаманд дигар маълумоти иловагиро вобаста ба мавзӯи назорати камералӣ талаб менамояд.

Баъд аз баррасии маълумот ва ҳуҷҷатҳои илова пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин мувофиқи дигар маълумоти дастрасгардида, агар ҳолатҳои эҳтимолии қонунвайронкуниҳои андоз тасдиқи пешакии худро ёбанд, **Маълумотномаи назорати камералӣ (тибқи шакли Замимаи №3)** тартиб дода мешавад.

Маълумотномаи назорати камералӣ тариқи электронӣ ва ё хаттӣ (аз ҷумла тавассути почта) ба андозсупоранда дастрас карда мешавад. Дар маълумотномаи назорати камералӣ гирифтани дастхати андозсупоранда ҳатмӣ намебошад.

8.3. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда пас аз 10 рӯзи дастрас шудани Маълумотномаи назорати камералӣ бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта мустақилона бартараф карда нашавад, аз натиҷаи назорати камералӣ чунин қарор қабул карда мешавад:

- тавзеҳоти хатӣ ва асосноки андозсупоранда тибқи талаботи қонунгузории андоз баррасӣ гардида пурра ё қисман ба инобат гирифта мешавад;

- аз натиҷаи назорати камералӣ тибқи талаботи моддаи 36 Кодекси андоз (аз рӯи маблағи пурраи Огоҳинома ва ё бо дарназардошти қисман ба инобат гирифтани тавзеҳоти асосноки андозсупоранда) **Санад (бо риояи шакли Замимаи №3)** тартиб дода шуда, аз натиҷааш қарор қабул карда мешавад ва барои таъмини иҷро ба андозсупоранда тариқи электронӣ ва ё хаттӣ ирсол мегардад;

- мақомоти андоз ҳуқуқ дорад тибқи дархости андозсупоранда ё мутобиқ ба талаботи моддаҳои 28 ва 29 Кодекси андоз дар фаъолияти андозсупоранда санҷиши ҳуҷҷатии маҷмӯӣ, санҷиши такрорӣ ё мавзӯӣ таъин намояд;

9. Нусхаи маводҳои назорати камералӣ ба андозсупоранда (ё намояндаи ваколатдори ӯ) дода шуда, дар нусхаи дуюми он имзои андозсупоранда гирифта мешавад. Худдорӣ ва ё ин ки даст кашидани андозсупоранда (ё намояндаи ваколатдори ӯ) аз гузоштани дастхат, маънои қабул нагардидани онҳоро надошта, новобаста аз он, бо риояи тартиби муқарраргардида маводи назорати камералӣ аз ҷониби мақомоти андоз баррасӣ мешавад. Маводи назорати камералӣ метавонад тариқи почта бо мактуби фармоишӣ ба суроғаи ҳуқуқии (ё ҷои истиқомати) андозсупоранда ё почтаи электронии андозсупоранда (тавассути утоқи шахсии андозсупоранда) ирсол шавад.

10. Корманди мақомоти андоз, ки назорати камералиро мегузаронад, дар навбати худ вазифадор аст тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандаро таҳлил ва баррасӣ намуда, дар сурати асоснок будани тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида тибқи тартиби муқарраргардида онҳоро ба инобат гирад.

11. Натиҷаи баррасии тавзеҳоти андозсупоранда бо қабули Хулосаи мувофиқашуда, **тибқи шакли Замимаи №4** ба Фармоиши мазкур ба расмият даровarda шуда, ба инобат гирифтан, қисман ба инобат гирифан ва ё ба инобат нагирифтани тавзеҳот бо моддаҳои дахлдори Кодекси андоз (қонунгузории андоз) асоснок карда мешавад, аз ҷумла:

- агар маблағи аз натиҷаи назорати камералӣ эҳтимолан ҳисобшудаи андозҳо зиёда аз 300,0 ҳазор сомониро ташкил намояд, асоснокии тавзеҳоти андозсупоранда бо пешниҳоди Хулосаи сардорони Раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст, дар мувофиқа бо муовини сарпарасти самти фаъолият тибқи тартиби муқарраргардида ба Раиси Кумитаи андоз пешниҳод карда мешавад;

- танҳо пас аз тартиб додани Хулоса ва мувофиқа гардидани он, қайдҳои дахлдор оид ба натиҷаи баррасии тавзеҳоти андозсупоранда ба барномаи СИА “Назорати камералӣ”ворид карда мешавад;

- аз натиҷаи баррасии тавзеҳот, андозсупоранда дар муҳлати то 5 –рӯзи корӣ бо ирсоли мактуби ҷавобӣ огоҳ карда мешавад.

12. Ворид накардани Огоҳинома, Маълумотнома, Санади назорати камералӣ ва дигар маводи алоқаманд ба назорати камералӣ, ки ворид намуданашон ба барномаи компютерии СИА «Назорати камералӣ» ҳатмист, барои бекор намудани натиҷаҳои назорати камералӣ асос гардида, нисбати корманди масъули мақомоти андоз, ки ба чунин қонунвайронкунӣ роҳ додааст, чораҳои қатъии интизомӣ андешида мешавад.

13. Огоҳиномаҳо ва қарорҳо аз натиҷаҳои назорати камералӣ, ки асоснокии онҳо дар рафти гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз баррасӣ мешаванд, пеш аз қабули қарор аз натиҷаи санҷиши ҳуҷҷатии андоз бо Кумитаи андоз мувофиқа карда мешаванд.

## III. Маҳдудияти назорати камералӣ

14. Ҷиҳати пешгирӣ намудани эҳтимолияти қабули огоҳинома ва қарорҳои беасос аз натиҷаи назорати камералӣ, пешгирии такрорёбии назорати камералӣ ва канорагирӣ намудан аз ба миён омадани ҳолатҳои баҳснок бо андозсупорандагон маҳдудияти зерин муқаррар карда мешавад:

1) Нисбати як шахс (субъект) дар 6 моҳи пай дар пай на зиёда аз як маротиба назорати камералии ҳисоботи (эъломияҳои) андози ба мақомоти андоз пешниҳодгардида, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода нашудааст, гузаронида мешавад.

2) Назорати камералии ҳисоботи (эъломияҳои) андози хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода нашудааст, дар як сол як маротиба таҳти назоратӣ камералӣ қарор дода мешаванд.

3) Кормандони мақомоти андоз ҳуқуқи такроран амалӣ намудани назорати камералии эъломияҳои як намуди андоз ва барои ҳамон як давраи андозро (ҳисоботиро) надоранд. Дар сурати ҷой доштани далелҳои асосноки қонунвайронкуниҳои андоз вобаста ба ин давраҳои андозӣ, пас аз пешниҳоди гузориши дахлдори сардори мақомоти ҳудудии андоз, бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз назорати камералӣ гузаронида мешавад.

4) Назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки:

- дар доираи маблағҳои грантӣ (кредитӣ) фаъолият менамоянд;

- дар фаъолияти корхонаҳои калони саноатии истеҳсолӣ ва воҳидҳои алоҳидаи онҳо, ки аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ таъсис ёфтаанд ва (ё) дар доираи Созишномаҳои сармоягузории маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд;

- дар фаъолияти бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, инчунин, дар воҳидҳои алоҳидаи онҳо дар мувофиқа бо Раиси Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

5) Назорати камералии эъломияҳои воҳидҳои алоҳидаи андозсупорандагони дар қайди нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёнабуда, ки дар дигар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо дар баҳисобгирӣ гузошта шудаанд, дар мувофиқа бо Раиси Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

6) Огоҳинома ва маълумотномаи натиҷаи назорати камералии эъломияҳои андозсупорандагон, ки эҳтимолияти аз 300,0 ҳазор сомонӣ зиёд ошкор шудани андозҳоро доранд, дар мувофиқа бо Кумитаи андоз қабул карда мешаванд.

## IV. Ҷавобгарӣ

15. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 18 ва 81 Кодекси андоз андозсупоранда аз рӯи натиҷаи назорати камералӣ ҳуқуқи шикоят намуданро ба мақомоти болоии андоз ва ё суд дорад.

16. То лаҳзаи аз ҷониби Кумитаи андоз ё мақомоти судӣ баррасӣ гардидани шикояти андозсупоранда ва қабул гардидани қарори дахлдор, мақомоти ҳудудии андоз ҳуқуқи татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳоро нисбат ба натиҷаи назорати камералӣ надоранд.

17. Барои риоя накардани талаботи Кодекси андоз ва Тартиби мазкур ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ ва халалдор сохтани фаъолияти андозсупорандагон, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони масъули мақомот ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Замимаи №2**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 17 сентябри соли 2019, №434**

Ба ________________________________
*(номи андозсупоранда, РМА,*
*суроғаи ҳуқуқӣ)*

## ОГОҲИНОМА

Дар асоси таҳлил ва муқоисаи маълумоти барномаҳои СМИИА, инчунин маълумоти аз дигар сарчашмаҳо дастрасгардида (агар ҷой дошта бошад), дар фаъолияти ________________________
__________________________________________________барои давраи аз
*(номи пурраи андозсупоранда)*

«____» ___________ соли 20___ то «____» ___________ соли 20___ то таҳлил ва назорати мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломия ва ҳисоботи андоз ба мақомоти андоз пешниҳодшуда гузаронидашуда, муайян гардид, ки Ҷамъият талаботи муқаррарнамудаи мо ддаҳои___________________________________________________________________
*(банд ва қисмҳои дахлдори моддаҳо қайд карда мешавад)*

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардааст, ки дар натиҷа, боиси пайдо гардидани номутобиқатӣ дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозӣ ва мутаносибан ҷой доштани хавфи қонунвайронкуниҳои андоз гардидааст.

Натиҷаи коркарди маълумот муайян намуд, ки аз ҷониби шумо ҳангоми таҳия ва пешниҳоди эъломияҳои андоз аз__________________________________ ба инобат гирифта нашудааст,
*(номгӯйи эъломия ва ҳисоботи андоз, ки номутобиқатӣ ҷой дорад)*

*(вобаста ба ҳолати ошкоршуда маълумот мухтасар қайд шуда, бо дарҷи муқаррароти банд, қисм ва моддаи дахлдори Кодекси андоз асоснок карда мешавад),* ки ҳолати мазкур боиси ба миён омадани номутобиқатиҳо ва эҳтимолияти кам ҳисоб шудани андозҳо ба маблағи _____________ сомонӣ, аз он ҷумла ____________________________________
_______________________________________________________гардидааст.
*(номгӯи андозҳо ва маблағи эҳтимолӣ ошкоргардида*
*дар алоҳидагӣ қайд карда мешаванд)*

Бинобар ин, мутобиқ ба талаботи моддаҳои 22, 37, 57 ва 89 Кодекси андоз аз шумо талаб карда мешавад, ки дар муҳлати 10 рӯз вобаста ба маблағи эҳтимолан ҳисобшудаи андозҳо, тавзеҳоти дахлдор бо замимаи ҳуҷҷатҳои асосноксозанда пешниҳод намоед ва (ё) барои мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта, бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз маблағи илова ҳисобшудаи андозҳоро ба буҷет пардохт намоед.

Дар акси ҳол, Кумитаи (Раёсат, Нозироти) андоз дар________________________________
*(вилоят, шаҳр, ноҳия)*

бо дастрасии моддаҳои 37 ва 89 Кодекси андоз аз натиҷаи Огоҳиномаи мазкур, тибқи тартиби муқарраргардида корҳои назоратӣ анҷом дода, маблағи эҳтимолии барилова ҳисобшавандаи андозҳо дар ҳисобварақаи Ҷамъият ҳамчун уҳдадории андозӣ дарҷ карда мешавад.

**Сардори нозирот** _____________ ____________________________________
*(имзо, муҳр)* *(ному насаб)*

**Замимаи №3**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 17 сентябри соли 2019, №434**

Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
*(Раёсати / Нозироти андоз дар…)*

**Маълумотномаи назорати камералӣ**

Аз натиҷаи назорати камералӣ нисбати ____________________________________________
*(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ/РМА)*

барои давраи ______________________________________________________________
*(давраи зери назорати камералӣ қарор додашаванда)*

______________________________________________________________________
*(ҷои тартиб додани маълумотнома-мақомоти андоз)(сана)*

Аз ҷониби ман, ____________________________________________________________
______________________________________________________________________
*(ному насаб, мансаб, Раёсати Кумитаи андоз (Раёсати / Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи))*

Мутобиқ ба муқаррароти банди 4 қисми 3 моддаи 22 ва моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2017, №316 тасдиқ карда шудааст, дар фаъолияти ______________________________________
______________________________________________________________________
*(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ / РМА)*

(минбаъд номи кутоҳкардашуда қайд мешавад) назорати камералӣ бевосита дар асоси омӯзиш, таҳлилу муқоисаи ҳисоботи (эъломияҳои) андоз ва дигар маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи шумо, инчунин, маълумоти мутобиқ ба қисми 4 моддаи 65 Кодекси андоз ба мақомоти андоз дастрасшуда гузаронида шуд.

**1. Қисми умумӣ**

1.Маҳалли фаъолияти андозсупоранда: ___________________________________________

1.1. Аз натиҷаи назорати камералӣ тибқи талаботи қисми 3 моддаи 37 Кодекси андоз қаблан ба шумо Огоҳинома аз «___» __________соли 20__ бо талаби дар муҳлати 10 рӯз бо роҳи пешниҳоди эъломияи иловагии андоз мустақилона бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ё пешниҳод намудани тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ирсол карда шудааст.

**Эъзоҳ:** *Дар ин қисмат нисбати пешниҳод шудан ва ё нашудани тавзеҳот, асоснокии тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои иловагии оид ба натиҷаи назорати камералӣ аз ҷониби андозсупоранда пешниҳодшуда, маълумот қайд мешавад.*

1.2. Дар давраи зери назорати камералӣ қарордошта, _________________ бо андозсупорандагони бемасъулият (қисми 51 моддаи 17 Кодекси андоз), иҷрои кор, хизматрасонӣ, харид ва ё таҳвили мол ба анҷом нарасонидааст.

**Эзоҳ:** *Агар бо ин гурӯҳ андозсупорандагон муомилоти молию пулӣ дошта бошад, мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз чораҷӯӣ намуда, маълумот дарҷ карда мешавад.*

**2. Назорати камералӣ муайян кард:**

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

(**Эзоҳ.** *Дар ин қисмат ҳангоми ошкор гардидани қонунвайронкуниҳои андоз бо истинод ба бандҳои (қисмҳои) моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ё дигар муқаррароти қонунгузории андоз ҳар як ҳолати эҳтимолии ҷой доштани қонунвайронкуниҳои андоз дар алоҳидагӣ асоснок карда мешаванд.*

*Ҳамзамон, нусхаи ҳуҷҷати асосноксозандаи қонунвайронкуниҳои андоз ба маълумотнома замима мешавад)*

**3. Пешниҳод**

3.1. Назорати камералии риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти _________________
___________________________________________________ эҳтимолияти ба маблағи
*(номи пурраи андозсупоранда, РЯМ / РМА)*

______________________ сомонӣ кам ҳисоб намудани андозҳоро муайян намуд.

**Эзоҳ:** *Номгӯи андозҳо ва маблағи аз натиҷаи назорати камералӣ ошкоргардида дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад.*

3.2. Ҳангоми аз ҷониби шумо пешниҳод нагардидани тавзеҳоти асоснок ва ё бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз мустақилона бартараф накардани номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ҷойдошта, дар фаъолияти шумо тибқи талаботи моддаи 36 Кодекси андоз аз натиҷаи назорати камералӣ қарори дахлдор қабул карда мешавад ё ин ки мутобиқ ба талаботи моддаҳои 28 - 29 Кодекси андоз санҷиши маҷмӯии ҳуҷҷатии андоз ё санҷиши ҳуҷҷатии мавзӯии андоз таъин карда мешавад.

3.3. Дар ҳамин хусус маълумотномаи назорати камералӣ дар ду (2) нусха тартиб дода шуд.

**Корманди мақомоти андоз:**

_________________________ ___________ ___________________
*(вазифа)* *(имзо)* *(ному насаб)*

**Замимаи №4**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 17 сентябри соли 2019, №434**

______________________________________________________________________
*(номгӯи воҳиди сохтории Кумитаи андоз – Раёсати Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)*

**Хулоса**

аз натиҷаи баррасии тавзеҳоти ______________________ аз «___» __________ 20__, №___
*(номи кутоҳи андозсупоранда)*

______________________________________________________________________
*(Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумита ва ё мақомоти ҳудудии андоз, ки назорати камералиро гузаронидааст)*

мутобиқ ба талаботи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 11 Фармоиши Кумитаи андоз аз «___» сентябри соли 2019, тавзеҳоти ________________________________
__________________________________- ро аз «___» _________ 20__, № ___
*(номи пурраи андозсупоранда, РМА, РЯМ)*

ба Огоҳиномаи №___, аз «___» _________ 20__, № ___, ки аз ҷониби ___________________
_______________________________________________________________ оид ба ҷой доштани
*(номи воҳиди сохтории мақомоти андоз, ки Огоҳиномаро қабул намудааст)*

номутобиқатиҳо дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозҳо эҳтимолияти илова ҳисоб шудани андозҳоро ба маблағи _________ сомонӣ (аз ҷумла, ________________________________
_____________________________________________) муайян намудааст, мавриди баррасӣ
*(номгӯи андозҳо, маблағҳои эҳтимоии ҳисобшуда)*

қарор дода, чунин хулосагузорӣ намуд: _____________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

**Эзоҳ:** *Тавзеҳоти пешниҳоднамудаи андозсупоранда аз рӯи ҳар як намуди андоз баррасӣ шуда, ҳолати ба инобат гирифтан, қисман ба инобат гирифтан ва ё умуман ба инобат нагирифтани тавзеҳот бо моддаҳои дахлдори Кодекси андоз (қонунгузории андоз) асоснок карда мешавад. Агар аз ҷониби андозсупоранда Огоҳинома қисман иҷро гардида бошад, дар ин хусус қайдҳои дахлдор дарҷ мешавад.*

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида, _______________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
*(раёсати дастгоҳи марказии Кумита, Раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, НАК, НАМ, ки тавзеҳотро баррасӣ намудааст)*

аз маблағи умумии ___________ сомонӣ тавзеҳоти андозсупоранда - _______________________
*(номи кутоҳкардашудаи андозсупоранда)*

ба маблағи _____________ сомонӣ ба инобат гирифта шуд (қисман ба инобат гирифта шуд ва ё умуман ба инобат гирифта нашуд).

**Хулоса омода карда шуд:**

Сардори нозирот *(Шуъбаи Раёсат)* ____________ ___________

Сардори шуъба *(гурӯҳ)* ____________ ___________

Мутахассис *(ки назорати камералиро гузаронидааст)* ____________ ___________

**Мувофиқа карда шуд:**

Сардори Раёсати *(Сардорони Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ)*

______________________________________________________________________
*(дастгоҳи марказии Кумита, раёсатҳои андози вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, НАК ва НАМ)*

_______________ ______________
_______________ ______________
_______________ ______________

# Ҷанг бенизомиву беқонунист

**«Мо бояд ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, радикализми динӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, хариду фурӯши одамон, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва дигар омилҳои хатарзо, ки ба сулҳу суботи ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо таҳдид менамоянд, мубориза барем».**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Бале, ин таъкиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро водор месозад, ки ҳамеша зираку ҳушёр бошем, халқу Ватани худро аз таъсири хатару бадбахтиҳо эмин нигаҳ дорем ва ба қадри сулҳу оромӣ расем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш бахшида ба Рӯзи дониш иброз намуданд, ки дар ин даврони орому осоишта ва пешрафти бесобиқаи кишварамон мо ҳамаи шароиту заминаҳоро барои таҳсилу омӯзиш ва зиндагии шоистаи ҷавонон фароҳам овардаем ва ният дорем, ки дар оянда барои насли ояндасоз заминаҳои боз ҳам беҳтарро муҳайё кунем.

Воқеан, нерӯи ақлу хирад, донишу маърифат ва иродаву садоқат метавонад роҳи хонандагонро барои идома додани корномаи бузургони гузаштаи миллати тоҷик равшан намояд. Тавре ба назар мерасад, айни замон дар кишварамон барои хонандагону донишҷӯён тамоми шароитҳо муҳайё гардонида шудааст. Насли наврасу ҷавононро танҳо омӯзиш ва нерӯю хоҳиш лозим меояду халос.

Ҷавонон шабеҳи навниҳоланд ва баҳри нигоҳубини он боғбонро садоқат ва дили соф мебояд. Яъне, волидон ва омӯзгорону тарбиятгарон, ки худ нақши боғбонро доранд, бояд насли наврас-навниҳолонро тавре тарбият намоянд, ки онҳо дар оянда бо аъмоли намунавӣ ва дониши андӯхтаашон самари хуб ба бор оранд. Ҷавононро беҳуда оиндаи давлату миллат зикр накардаанд. Бо ибораи дигар, нақши онҳо дар ҷомеа барои идома додану пеш бурдани кишвар басо муҳим арзёбӣ мегардад. Вақте инсон донишу тарбияи хуб мегирад, албатта, дар оянда масъулиятшинос хоҳад шуд ва ин шаҳодати доштани нангу номуси давлату ватандории онҳо мегардад. Дар чунин маврид ҳам падару модарон ва ҳам устодону омӯзгорон аз натиҷаи фаъолияти хеш қаноатманд хоҳанд шуд.

Чуноне ки Сарвари давлат қайд намуданд, арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати куҳанбунёдамон, аз худ намудани илму дониш, касбу ҳунар, навовариву ихтироъкорӣ ва дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ намудани давлату миллат вазифаи муқаддаси наслҳои замони истиқлолият мебошад.

Президенти кишвар зимни суханронии хеш ба муносибати Рӯзи дониш, ҳамчунин, иброз доштанд:

**«Бо вуҷуди дастовардҳои то имрӯз ноилшудаамон, мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, то ки камбудиву мушкилоти ҷойдоштаро бартараф созем, Ватани худро обод гардонем ва бо истифодаи самараноки тамоми захираву имкониятҳо рушди босуръати иқтисодиёти Тоҷикистони азизамонро таъмин намоем. Ман борҳо гуфтаам ва мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки хонаи мо, яъне Ватан ва давлати моро каси дигар обод намекунад. Мо кишвари азизамонро худамон пешрафта мегардонем ва ба наслҳои оянда як мулки ободро ба мерос мегузорем».**

Бале, дар ин раванд, мо бояд зиракиву ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем, кишвар ва мардуми худро аз таъсири хатарҳои замони имрӯза эмин нигоҳ дорем, барои ҳифзи давлати соҳибистиқлол ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, инчунин, забон, таърих, фарҳанг, расму ойинҳо ва дигар арзишҳои миллӣ ҳамеша омода бошем.

Имрӯз, чуноне мебинем, вазъи ҷаҳон бисёр мураккабу буҳронӣ гардидааст. Агар баъди ҷанги дуюми ҷаҳон тайи даҳсолаҳо ҷанги сард омили бесуботии дунё гардида бошад, ҳоло терроризму экстремизм ба мушкилоти ҷиддитарини глобалӣ табдил ёфтаанд. Вобаста ба ин, Роҳбари давлат таъкид намуданд, ки вазъияти ҷаҳон дар зарфи даҳсолаҳои охир ҳаргиз чунин печидаву хавотиромез набуд. Рӯйдодҳои вақтҳои охир дар минтақа ва ҷаҳон, бахусус, нишасти сатҳи олии Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, ки дар шаҳри Душанбе доир гардид, равшан сохтанд, ки мавзӯъҳои геополитикӣ ва геостратегӣ барои кишварҳои ҷаҳон аҳамияти рӯзафзун пайдо карда истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи раёсати худ дар фаъолияти ин ҳамоиш тайи солҳои 2018 – 2020 ҷиҳати амалӣ намудани панҷ ченаки асосии он - иқтисодӣ, экологӣ, арзишҳои инсонӣ, мубориза бо таҳдиду хатарҳои замони муосир, ҳамчунин, дар арсаи низомиву сиёсӣ нақши назаррас бозида истодааст, омода аст, ки минбаъд низ дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалӣ, пеш аз ҳама, пойдории сулҳу суботи сартосарӣ ва тавсеа бахшидан ба ҳамкорӣ миёни кишварҳои минтақа саҳми арзишманд гузорад.

Дар ин робита, чуноне Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтанд:

**«Ҷанг бенизомиву беқонунист, хунрезиву куштори одамони бегуноҳ аст ва ҳамеша гуруснагиву қашшоқӣ ва харобиву бадбахтӣ меорад. Сулҳу оромӣ шарти ободиву пешрафт ва амалӣ гардидани ҳамаи нияту орзуҳои неки ҳар як инсон мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми Тоҷикистон ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва аз зиндагии орому осудаи имрӯза шукрона мекунанд».**

Дар ҳақиқат, мо пеш аз ҳама, сулҳу оромии давлати хешро хоҳонем ва имрӯз шукрона мекунем, ки дар кишвари амну осоишта умр ба сар мебарем.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**

нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»



Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

**Шумораи корхонаҳои бефаъолият ва корхонаҳое, ки ҳангоми пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти андоз даромади худро ба таври сифрӣ ва ё ночиз нишон медиҳанд, мунтазам афзуда истодааст, ки ин ҳолат боиси коҳиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ ва таъмин нашудани иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар як қатор шаҳру ноҳияҳо гардидааст.**

# Субъектҳои бефаъолият

## Баъзе соҳибкорон даромади худро чаро ба таври сифрӣ пешниҳод мекунанд?

Тавре аз маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ба ҳолати 1-уми июли соли 2019 дар вилояти Хатлон шумораи умумии шахсони ҳуқуқии дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолиятдошта 12360 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 1348 шахси бефаъолият буда, ин нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2018-ум 318 адад зиёд мебошад. Илова бар ин, аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ 1687 адад субъектҳое мебошанд, ки ҳисоботи худро тариқи сифрӣ пешниҳод менамоянд.

Манбаъ менависад, ки шумораи корхонаҳои бефаъолият дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 11,8%, даромади сифридошта 18,9%, Леваканд- шумораи корхонаҳои бефаъолият 15,7%, даромади сифридошта 24,8%, Восеъ- шумораи корхонаҳои бефаъолият 10,7%, даромади сифридошта 18,5%, Темурмалик- шумораи корхонаҳои бефаъолият 12,3%, даромади сифридошта 11,0%, Балҷувон- шумораи корхонаҳои бефаъолият 20,4%, даромади сифридошта 13,3%, Вахш- шумораи корхонаҳои бефаъолият 16,4%, даромади сифридошта 10,2%, Хуросон- шумораи корхонаҳои бефаъолият 14,5%, даромади сифридошта 12,9%, Ҷайҳун- шумораи корхонаҳои бефаъолият 15,4%, даромади сифридошта 14,2%, Данғара- шумораи корхонаҳои бефаъолият 15,0%, даромади сифридошта 27,4%, Ёвон- шумораи корхонаҳои бефаъолият 15,6%, даромади сифридошта 17,8%, Ховалинг- шумораи корхонаҳои бефаъолият 14,7%, даромади сифридошта 18,2% ва Норак- шумораи корхонаҳои бефаъолият 8,6% даромади сифридошта 25,4%-ро ташкил медиҳад.

Инчунин, аз шумораи умумии 2130 корхонае, ки дар вилояти Хатлон амал мекунанд, даромади умумии 1733 адади он то 100 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Даромади умумии 284 корхона то 300 ҳазор сомонӣ, 57 корхона то 500 ҳазор сомонӣ, 42 корхона то 1 млн. сомонӣ ва 17 корхона зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил дода, маблағи андозҳои ҳисобшудаи корхонаҳои мазкур дар ин давра ба 24,2 млн. сомонӣ ва маблағҳои пардохтнамудаашон ба 22,7 млн. сомонӣ баробар шудааст.

Чунин ҳолат дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда низ ҷой дошта, дар вилояти Хатлон аз шумораи умумии 6,1 ҳазор соҳибкори инфиродӣ 996 шахси бефаъолият буда, 1492 адади он дар хисобот даромади худро ба таври сифрӣ нишон додаанд.

Аз 3616 сохибкори инфиродии амалкунанда, даромади умумии 3228 нафари онҳо то 100 ҳазор сомонӣ, даромади 355 соҳибкор то 300 ҳазор сомонӣ, даромади 21 соҳибкор то 500 ҳазор сомонӣ, даромади 10 соҳибкор то 1 млн. сомонӣ ва даромади 2 соҳибкор зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 дар вилояти Суғд аз 10244 шахси ҳуқуқии тибқи низоми содакардашуда фаъолиятдошта 1459 адади онро корхонаҳои бефаъолият ташкил медиҳанд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2018-ум 150 адад зиёд мебошад. Аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ 1814 адади онҳоро корхонаҳое, ташкил медиҳанд, ки дар хисобот даромадашонро ба таври сифрӣ нишон додаанд.

Аз 2347 корхонаи амалкунанда, даромади умумии 1689 субъект то 100 ҳазор сомонӣ, 472 адад то 300 ҳазор сомонӣ, 120 адад то 500 ҳазор сомонӣ, 48 адад то 1 млн. сомонӣ ва 18 адад зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил медиҳад. Маблағи андозҳои аз ҳисоби субъектҳои сохибкории хурди вилояти Суғд дар нимсолаи якуми соли 2019 ҳисобшуда 43,8 млн. сомонӣ ва ба буҷет пардохтшуда 42,8 млн. сомонӣ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд - шумораи корхонаҳои бефаъолият 12,0%, даромади сифридошта 22,6%, Исфара - шумораи корхонаҳои бефаъолият 14,1%, даромади сифридошта 21,5%, Гулистон - шумораи корхонаҳои бефаъолият 10,0%, даромади сифридошта 21,2%, Конибодом - шумораи корхонаҳои бефаъолият 17,7%, даромади сифридошта 19,7%, Панҷакент - шумораи корхонаҳои бефаъолият 22,3%, даромади сифридошта 16,4%, Бӯстон - шумораи корхонаҳои бефаъолият 15,9%, даромади сифридошта 19,0%, Истаравшан, - шумораи корхонаҳои бефаъолият 19,8%, даромади сифридошта 13,5%, Истиқлол - шумораи корхонаҳои бефаъолият 15,5%, даромади сифридошта 20,2%, ва Деваштич - шумораи корхонаҳои бефаъолият 15,2%, даромади сифридошта 12,0% -ро ташкил медиҳад.

Аз 10,8 ҳазор сохибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта 1791 нафари онҳо бефаъолият буда, 2854 нафар дар ҳисобот даромади худро сифрӣ нишон додаанд. Инчунин, аз 6189 сохибкори инфиродии амалкунанда даромади умумии 4831 нафар то 100 ҳазор сомонӣ, 1239 нафар то 300 ҳазор сомонӣ, 98 нафар то 500 ҳазор сомонӣ, 18 нафар то 1 млн. сомонӣ ва даромади умумии 3 нафар зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил намудааст.

Тибқи маълумот чунин ҳолат дар шаҳри Душанбе низ ҷой дошта, аз шумораи умумии 7492 шахси ҳуқуқии дар низоми содакардашуда фаъолиятдошта, 1439 адад онро корхонаҳои бефаъолият ташкил медиҳанд. Шумораи корхонаҳои бефаъолият дар ноҳияҳои Шоҳмансур 290 адад, Исмоили Сомонӣ 329 адад, Фирдавсӣ 334 адад ва Сино 486 ададро ташкил менамояд.

Дар шаҳри Душанбе шумораи корхонаҳое, ки дар ҳисобот даромади худро ба таври сифрӣ нишон медиханд, 1277 ададро ташкил медиҳад, ки он ба 17,0 фоизи шумораи умумии субъектҳои дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда баробар мебошад. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Шоҳмансур 21,2 фоиз, Исмоили Сомонӣ 16,3 фоиз, Фирдавсӣ 16,6 фоиз ва Сино 14,6 фоизи корхонаҳо даромади худро дар ҳисобот тариқи сифрӣ нишон додаанд. Илова бар ин, аз 3193 корхонае, ки дар шаҳри Душанбе амал мекунанд, даромади умумии 2447 адади онҳо 100 ҳазор сомонӣ, 498 адад то 300 ҳазор сомонӣ, 159 адад то 500 ҳазор сомонӣ, 80 адад то 1 млн. сомонӣ ва танҳо 14 корхона зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил додаанд.

Шумораи корхонаҳои бефаъолият дар шаҳрҳои Ваҳдат 148 адад, Турсунзода 114 адад, Ҳисор 149 адад, ноҳияҳои Рӯдакӣ 170 адад, Файзобод 46 адад ва Варзоб 47 адад расидааст. Аз ҳисоби 200 корхонаи амалкунандаи шаҳри Ваҳдат даромади умумии 154 адади онҳо то 100 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 104 адад, Турсунзода 123 адад, Ҳисор 190 адад, Рӯдакӣ 453 адад, Файзобод 63 адад ва Варзоб 53 ададро ташкил намудааст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида ва бо мақсади пешгирии ҳолатҳои зиёд шудани корхонаҳои бефаъолият ва корхонаҳое, ки муддатҳои тулонӣ дар ҳисобот даромади худро ба таври сифрӣ нишон медиҳанд, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки фаъолияти ҳар як субъектро зери назорат қарор дода, ҳангоми қабули эъломияҳои андозӣ сабабҳои аз ҷониби андозсупорандагон дар ҳисобот ба таври сифрӣ нишон додани даромадро муайян ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Бо мақсади кам намудани шумораи субъектҳое, ки муддатҳои тулонӣ фаъолият намекунанд, тадбирҳои иловагӣ андешида, субъектҳое, ки дар ҳисобот даромади худро ба таври сифрӣ нишон медиҳанд, зери назорати доимӣ карор диҳанд ва барои зиёд намудани даромади умумии шахсони ҳуқуқии тибқи низоми содакардашуда фаъолиятдошта ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта, инчунин, маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи онҳо пайваста чораҷӯӣ намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## ЭЪЛОН

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Амин 2017» (РЯМ 0310018390) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Тоҷир-2013» (РЯМ 3210004591) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Моҳбӣ» (РЯМ 3110001923) воқеъ дар ноҳияи Хуросон, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Аладзе» (РЯМ 6210007238) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Бозоргон-1» (РЯМ 6210003773) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи истеҳсолии хоҷагии деҳқонии «Пулотбобо» (РЯМ 6210003544) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Шаҳодатномаи ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутаалиқ ба ҶДММ «Амин 2017» (РЯМ 0310018390) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Кумайдонов Мамадмусо (РЯМ 7030013999) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Нурмамадов Иқболмамад (РЯМ 7030019031) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Наҷмидинов Назрихуҷа (РЯМ 0330161334) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бурҳонов Рустамҷон (РЯМ 0330152240) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳайталиев Саидмаҳмуд (РЯМ 0331376586) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Абдуллоева Марджона (РЯМ 0230077302) аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Набиев Далер (РЯМ 1830043903) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Салимова Сурайё (РЯМ 0430131589) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Турсунов Насрулло (РЯМ 5430073871) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Турсунов Рустамҷон (РЯМ 6330223460) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қаҳорова Саида (РЯМ 5530010750) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалliқ ба ҶДММ «Альфа-Газ» (РЯМ 5910003440) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Илхом» (РЯМ 5910003440) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси мутааллиқ ба Х/Д «Одина-2006» (РЯМ 0930023692) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муллоҷонова Саодат (РЯМ 6230040035) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Муҳамадиев Дилшод (РЯМ 6230033838) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Аладзе» (РЯМ 6210007238) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии КИ Х/Д «Пулотбобо» (РЯМ 6210003544) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

**ҶДММ «Сохтмон 3» воқеъ дар шаҳри Ҳисор (РЯМ 0910004893) сармояи оинномавии худро аз 950000 сомонӣ ба 5000 сомонӣ кам менамояд.**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Барои ташкили бомуваффақият ва амалӣ гардонидани таҷриба ва санҷиши натиҷаҳои он Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомномаи тартиби ухдадор кардан ва пардохти андоз аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)»-ро аз 9 январи соли 2003 №315 – 2 – 16 тасдиқ намуд. Натиҷаҳои таҷриба ба таври умумӣ мувофиқи мақсад будани ҷорисозии андози ягонаро барои ҳамаи субъектҳое (хоҷагиҳое), ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул буданд, нишон доданд. Дар таҳрири нави Кодекси андоз ин ҷиҳати кор ба назар гирифта шуд.

Дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ кори муайяне доир ба андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият мекунанд, ба анҷом расонида шуд. То соли 2000 патент танҳо андоз аз даромадро дар бар мегирифт; соҳибкороне, ки дар асоси патент фаъолият мекарданд, маблағҳои иҷтимой намесупориданд, ва аз ин ҷост, ки барои ҳифзи таъминоти иҷтимой ҳуқуқ надоштанд. Дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2001 №216 «Оид ба тасдиқи номгӯи навъҳои соҳибкорӣ» 115 навъи соҳибкорӣ номбар шуда буд, ки ҳангоми пардохти маблағи патент аз онҳо барои фонди ҳифзи иҷтимой низ маблағе гирифта мешуд. Мувофиқи ҳуҷҷати дигар «Тартиби харидорӣ кардани патент аз ҷониби шаҳрвандоне, ки ба соҳибкорӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ машғуланд» ҳамин гуна қоидаҳо барои ҳифзи иҷтимой пешбинӣ шуда буданд.

Бо вуҷуди дохил карда шудани маблағи ҳифзи иҷтимоӣ ба арзиши патент, масъалаи ҳифзи иҷтимоии соҳибкорони инфиродӣ ҳал нагардида мемонд, чунки номи онҳо дар Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ чун маблағсупорон ва суғурташудагон сабт нашуда буд. Зарурати кор гирифтан аз тартиби мустақилона ҳисобот додани соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда дар назди Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ чун маблағсупоранда ва суғурташуда ба миён омад. Ин тартиб мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2003 №250 «Оид ба ҷорахои такмили тартиби пардохти маблағҳо барои ҳифзи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии ашхосе, ки ба соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ташкили шахси ҳуқуқӣ машғуланд» ҷорӣ гардид. Пас аз қабули ин қарор соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда маблағҳои ҳифзи иҷтимоиро дар асоси эъломия месупоранд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Муҷассамаи ғайриодӣ

**Дар шаҳри Антеми иёлати Аризона барои сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи Амрико муҷассамаи махсус сохтаанд.**



Танҳо як рӯз – 11 ноябр (Рӯзи собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ) соати ёздаҳу ёздаҳ дақиқа муҷассама рамз ва ғояи аслии худро нишон медиҳад, то ҳама маънои онро бифаҳманд. Дигар рӯзҳои сол он муқаррарӣ ба назар менамояд. Гап дар сари он аст, ки танҳо дар як сол дар ҳамин рӯз як маротиба нурҳои офтоб аз панҷ сӯрохии махсуси сутунҳои он мегузаранд ва нишони давлатии Амрикоро ба намоиш мегузорад.

Панҷ сутун рамзи ягонагии намудҳои Қувваҳои Мусаллаҳи ин кишвар аст. Меъморон ва тарроҳони маҷмааи ёдгорӣ вақту қувваи зиёдеро барои ҳисоб намудани ҳама ҷузъиёти он сарф кардаанд.

## Панди рӯзгор

Зоҳиде халтаи гандумашро бо мақсади орд кардан ба осиёб бурд. Осиёббон онро дар навбат гузошт.

Зоҳид гуфт: «Агар гандуми маро зудтар, бе навбат орд накунӣ, дуо мекунам, ки харат санг бишавад».

Осиёббон дар посух изҳор дошт: «Ту, агар чунин мустаҷобуддуо бошӣ, дуо бикун, то гандумат орд бишавад!»

## ОЁ МЕДОНЕД?



*Ба таҳқиқи коршиносон беш аз 60%-и истифодабарандагони интернет мегӯянд, ки барои фирор аз мушкилот ба интернет машғул мешаванд.*

**Истеъмоли кунҷид резиши мӯи сарро пешгирӣ менамояд.**

# Роҳи танобии беҳамто

**Сохтмони роҳи танобии байни Благовешенски Россия ва Хейхэи Чин, ки дар ҷаҳон ҳамто надорад, шурӯъ гардид.**

Роҳ аз болои дарёи Амур гузашта, ду соҳилро бо ҳам мепайвандад. Барои бунёди ин роҳ, ки бояд то соли 2023 ба истифода дода шавад, ҳар ду кишвар маблағгузорӣ менамоянд. Дар сурати бомуваффақият анҷом ёфтани сохтмон, аз Россия то Чин метавон дар зарфи 6 дақиқа расид.

Алҳол роҳи кӯтоҳтарин байни Благовешенск ва Хейхэ тавассути об буда, сафар 20 дақиқа идома меёбад.

# Чой – гарави саломатӣ



Олимони Донишгоҳи миллии Сингапур исбот намуданд, ки чойнӯшии ҳаррӯза гарави солимӣ дар овони пиронсолист. Инчунин, нӯшидани бардавоми чой зуҳуроти камақлиро пешгирӣ намуда, монеи лахтшавии хун дар майнаи сар мегардад. Таркиби баргҳои ин гиёҳ аз катехин ва теафлавин бой буда, зидди хунукзании организм истодагарӣ мекунад. Нӯшидани ҳама гуна чой организмро ором ва рӯҳро болида мегардонад. Олимон тӯли 12 сол 957 шахси солхӯрдаро зери назорат ва омӯзиш қарор дода, бори дигар собит намуданд, ки нӯшидани ҳамагӣ як пиёла чой давоми рӯз хатари осебпазирии мағзи сарро панҷоҳ дарсад коҳиш медиҳад.

## Суханони ҳакимона

Дар ин дунё давлати мо бо ҷамъ кардан не, ба хайру саховат афзун мешавад.

x x x

Зару зевар зебоии зан нест, балки ақлу фаросат ороиши зан аст.

x x x

Агар хоҳед, ки доро бошед, дар фикри ҷамъ кардани сарват набошед, балки хасисии худро бартараф кунед.

x x x

Ҳар кӣ аз вазъи молии худ розӣ аст, хушбахт мебошад.

x x x

Роҳи самараноки ноил шудан ба мақсад, заҳмати самимӣ ва сабру тоқат аст.

x x x

Табъи хушу рӯҳи болида барои саломатию кор ва муносибат бо одамон манфиатбахш аст.

## СОҲИБИ 145 ДИПЛОМ



**Марди ҳиндустонӣ Партибан то 30-солагӣ тавонист соҳиби 145 диплом шавад.**

Барои Партибан ин ҳам кифоя нест. Ӯ боз мехоҳад, ки шумораи дипломҳояш афзоиш ёбад. Вале саволе ба миён меояд, ки Партибан чӣ тавр тавонист дар чунин муддати кутоҳ соҳиби 145 диплом гардад? Ӯ мегӯяд, ки дар ҳар лаҳза мехоҳад чизи навро ёд бигирад. Аммо аввалин имтиҳоне, ки вай дар коллеҷ бояд месупорид, натавонист, чун диққати ӯро дигар фанҳо ба худ ҷалб мекарданд. Вале вай аз ин ноумед нашуда бори дигар имтиҳонро супорид ва соҳиби аввалин диплом гашт. Баъдан 144 дипломи дигар низ насибаш гаштааст.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ч. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 78 856**